آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

17 апрели соли 2024 Чоршанбе № 30 (15041)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ЧОРАБИНИҲО ОИД БА ИНКИШОФИ СОҲАИ БОФАНДАГӢ МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

***Зери раисии Президент Шавкат Мирзиёев 16 апрел ҷамъомади видеоселекторӣ оид ба масъалаҳои афзудани ҳаҷми содирот ва сармоягузорӣ дар соҳаи бофандагӣ баргузор гардид.***

Соҳаи бофандагӣ дар тамоми минтақаҳои мамлакат васеъ роҳандозӣ гардида, яке аз секторҳои миқдори ҷойҳои кориаш зиёд ба шумор меравад. Ҳоло беш аз 6 ҳазор корхона 570 ҳазор нафарро бо шуғл фаро гирифтааст.

Дар солҳои охир аз ҳисоби фаъолона ҷалб намудани сармоя ва технологияи нав дар соҳа истеҳсолот ба таври назаррас афзуд. Барои мисол, соли гузашта маҳсулоти бофандагӣ ва дӯзандагиву кешбофӣ ба миқдори 8 миллиарду 200 миллион доллар истеҳсол гаштааст, ки ин нисбат ба ҳафт соли пешин 4,2 баробар зиёд аст.

Инчунин соли 2023 ҳаҷми содирот дар соҳа 3,1 миллиард долларро ташкил намуд. Имсол соҳа ба се бозори нав баромада, географияи содирот 83 мамлакатро ташкил менамояд.

Аммо таҳлили сохтори содирот камбудиҳои муайянро нишон медиҳад. Барои мисол, саҳми амволи омода бо арзиши баланди изофӣ паст мебошад. Қариб 80 фоизи содирот ҳанӯз ба бозорҳои шарикони анъанавӣ рост меояд. Содирот ба Аврупо ба натиҷаи чашмдошт мувофиқат намекунад.

Барои афзудани ҳаҷми содирот ба бозорҳои мамлакатҳои тараққинамуда ё худ барои брендҳо стандарт ва сертификатҳои байналхалқӣ тақозо менамояд. Аммо танҳо 175 корхона ба ин талабот ҷавобгӯ мебошад. Дар 18 ноҳия ҳаҷми солонаи маҳсулоти бофандагӣ ҳатто ба 1 миллион доллар намерасад.

Дар ҷамъомад масъалаҳои мушкил таҳлил гардида, имконоти мавҷудаи васеи соҳа номбар гардид.

Таҳлили ширкати консалтанги «Boston consulting group» нишон медиҳад, ки пойгоҳи ашёи хоми мамлакатамон имкон медиҳад, ки ба миқдори на камтар аз 15 миллиард доллар маҳсулот истеҳсол гардад ва 500 ҳазор ҷойи нави кор фароҳам оварда шавад.

Барои мисол, дар мамлакатамон нархи аслии як килограмм калоба аз нархи миёнаи ҷаҳонӣ 28 фоиз арзон аст. Ин барои афзудани истеҳсоли маҳсулоти тайёр имконоти зиёд фароҳам меорад ва инчунин дар рақобат бартарӣ мебахшад.

Ғайр аз ин ба соҳа кумаки молиявӣ расонда мешавад. Дар ибтидои соли гузашта 50 миллион доллар барои лоиҳаҳо оид ба истеҳсоли матоъ, ранг ва такмил, инчунин тавлиди маҳсулоти омодаи дӯзандагиву кешбофӣ ҷудо карда шудааст. Пас аз истифодаи ин маблағ равон намудани боз 100 миллион доллар ба нақша гирифта шудааст.

Роҳбари давлат ногузирии истифодаи оқилонаи ин имконот барои афзудани лоиҳаҳо ва ҷойҳои кор дар минтақаҳоро таъкид намуд.

– Роҳи дурусти ягонаамон дар ин соҳа – пурра азнавкоркарди ашёи хоми мавҷуда барои ба вуҷуд овардани арзиши баланди изофа ва нигарондани содирот аз бозорҳои арзони анъанавӣ ба бозорҳои харҷи гаронтари нав мебошад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Яке аз роҳҳои оптималии афзудани истеҳсолот кушодани филиалҳои корхонаҳои калон дар маҳаллаҳо ба шумор меравад. Барои мисол, фабрикаи «Зарафшон текстил» дар шаҳри Самарқанд 11 филиали минтақавии худро кушодааст. Бартарии он дар ҳамон аст, ки барои татбиқи стандартҳо ё дарёфти сертификатҳо харҷ намудани вақт ва пули барзиёд зарур нест. Аз ин рӯ, бояд ин таҷриба васеъ карда шавад, таъкид шуд дар ҷамъомад.

Яке аз мушкилоти асосӣ дар корхонаҳои бофандагӣ дастрасӣ ба ашёи хом ба ҳисоб меравад. Дар мамлакатамон барои азнавкоркарди 1 миллиону 300 ҳазор тонна нахи пахта иқтидорҳо вуҷуд дорад, аммо ҳоли ҳозир қариб 1 миллион тонна нах истеҳсол карда мешавад. Аз ин рӯ, арзиши аслии парвариши пахта бояд кам карда шавад ва ҳосилнокии майдонҳо баланд бардошта шавад.

Инчунин фаъолияти кластерҳои пахтаву бофандагӣ муҳокима гардида, пешниҳодот дар заминаи таъмини онҳо бо фаъолияти суботнок баррасӣ гардиданд.

Дар ҷамъомади видеоселекторӣ беш аз 100 нафар соҳибкорони соҳа иштирок доштанд. Президент бо онҳо гуфтугӯ кард.

Соҳибкорон мушкилот ва пешниҳодоти худро дар бораи сохтмони корхонаҳои бофандагӣ, вусъат додани таҷрибаи бозгардондани андоз барои арзиши изофа дар муддати як рӯз, сода намудани дарёфти кредитҳои пешазсодиротӣ, ҷудо намудани захираҳои арзони молиявӣ ва пеш бурдани маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ изҳор намуданд.

Ба шахсони масъул бо диққат омӯхтани ин масъалаҳо ва таҳияи қарорҳои амалӣ, ҳангоми зарурат пешниҳод намудани таклифҳо оид ба такмили қонунгузорӣ супурда шуд.

Дар рушди маҷмӯии соҳа Ассотсиатсияи «Ўзтекстилпром» нақши муҳим дорад. Аз нав ташкил намудани ассотсиатсия пешниҳод гардид, ки онро шӯрои соҳибкорони ҳар як самти соҳаи бофандагӣ идора намояд. Ҳар як вилоят намояндаи худро барои шӯро интихоб менамояд. Ходимони ассотсиатсия ба кластерҳо ва корхонаҳои бофандагӣ барои зиёд намудани истеҳсолот, сармоя, содирот ва фароҳам овардани ҷойҳои кор кумак хоҳанд кард.

Аҳамияти ба амал овардани тадбирҳои васеи таблиғотӣ дар мамлакатҳои Аврупо, кор дар болои брендҳо ва афзудани теъдоди содиркунандагони соҳиби сертификати байналхалқӣ таъкид шуд.

Пешниҳод гардид, ки гурӯҳҳои мутолиот ва рушд (R&D) дар кластерҳо барои таъмини ҳамгароии илм бо амалиёт ташкил карда шаванд.

Бинобар масъалаҳои дар ҷамъомад муҳокимагардида маълумоти шахсони масъул шунида шуд.

**ЎзА.**



*Дар маҳаллаи Навбаҳори ноҳияи Қаровулбозор корхонаи истеҳсоли мебел фаъолияти худро оғоз намуд. Маблағи лоиҳаи корхонаи мазкур 850 млн. сӯм буда, аз ҷониби ҶММ «Хонаи мебелҳои Бухоро» ба роҳ монда шуд. Ҳозир дар ин ҷо 8 нафар коргар меҳнат мекунанд, 10 намуди мебел истеҳсол карда мешавад.*

***Суратгир: Н. ҲАЙДАРОВ. ЎзА.***

***Абдуҷаббор РАҲМОНЗОДА, Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ўзбекистон***

# САМАРИ ҲАМКОРИҲОИ ДӮСТОНА ЧАШМРАСАНД

**Ба муносибати сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида мешавад**

***Боиси хушнудист, ки солҳои охир миёни Тоҷикистон ва Ўзбекистон ҳамкориҳо густариш ёфта, дар ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ пешравиҳо ба назар мерасанд. Ҳар ду ҷониб барои тақвияти муносибатҳои дуҷониба талош карда, дар муддати шаш соли охир ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардиданд.***

Бо шарофати сиёсати хирадмандонаи сарварони ду давлат – Президенти Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ўзбекистон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев сарҳадҳо аз нав боз шуда, ҳамкориҳо аз сатҳи муносибатҳои стратегӣ ба дараҷаи дӯстии абадӣ расиданд. Дар ин муддат сарони давлатҳо бо ҳамдигар якчанд маротиба мулоқоту вохӯриҳо доир карда, масъалаҳои мубрами ҳамкориҳоро баррасӣ намуданд. Дар баробари ин ба ҳукуматҳо ва сохторҳои марбутаи давлатӣ дастур доданд, ки ҷиҳати беҳтар кардани шароити ҳамкориҳои дуҷониба чораҷӯӣ намуда, сатҳу сифати онҳоро беҳтар созанд. Аксари масъалаҳои вобаста ба сарҳад, гумрук, иқтисод, тиҷорат ва фарҳанг дар ин асос ҳаллу фасл гардида, заминаи васеи ҳамкориҳо фароҳам омад. Дар муддати сиву ду соли барқарор гардидани ҳамкориҳо миёни ду давлат беш аз 192 созишномаи байнидавлатӣ, байниидоравӣ, байниминтақавӣ, санадҳо миёни муассисаву корхонаҳо ва санадҳои байналмилалие, ки мақоми қарордоди байналмилалӣ надоранд, инчунин зиёда аз 100 қарордоду шартнома миёни соҳибкорону тоҷирон ба имзо расидаанд, ки ба беҳтар шудани фазои тиҷоратӣ ва иқтисоди ду кишвари ҳамсоя мусоидат намуданд. Қисми зиёди санадҳои дуҷониба дар замони ба сари қудрат омадани муҳтарам Ш. Мирзиёев ба имзо расидаанд, ки ин аз муносибати хуби дӯстона ва бародаронаи сарварони ду давлат дарак медиҳад.

Солҳои охир раванди ҳамкориҳо дар соҳаи тиҷорат беҳтар шуда,содироту воридоти ҳаҷми молу маҳсулот ба маротиб афзоиш ёфтааст. Дар ин давра гардиши мол беш аз 700 миллион доллари амрикоиро ташкил дода, тамоили пешрафт ба назар мерасад. Новобаста ба ин, ҳанӯз дар ҳар ду мамлакат имконоти истифоданашуда зиёданд ва дар оянда метавон аз иқтидорҳои мавҷуда баҳравар шуд ва гардиши молу маҳсулотро ба ҳаҷми як миллиард доллар расонид. Таъсис ёфтани Фонди инвеститсионии Тоҷикистон ва Ўзбекистон низ барои бунёди корхонаҳои муштарак мустақиман мусоидат ва раванди ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва суръати интиқоли молу маҳсулотро афзун хоҳад намуд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Қарор ва иҷро*

***Дар асоси қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба рушди босуръати иқтидори сайёҳии ҷумҳурӣ, инчунин афзоиши минбаъдаи шумораи сайёҳони дохилию хориҷӣ» аз 26 апрели соли 2023 дар кишвар корҳои дахлдор анҷом дода мешаванд.***
***Профессорҳо, муаллимон, тадқиқотчиён ва донишҷӯёни лаёқатманд ба рушди сайёҳӣ дар ноҳияҳои Тахтакӯпир, Хуҷайлӣ, Элликқалъаи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон чӣ гуна саҳм мегузоранд?***
***Пиромуни ин масъала мо аз профессори кафедраи туризми Донишгоҳи давлатии иқтисодиёти Тошканд Алишер ЭШТОЕВ хоҳиш кардем, ки андешаҳои худро баҳам бинад.***

# БАРОИ ҶАЛБИ САЙЁҲОН БА КИШВАР БА ЧИҲО БОЯД ЭЪТИБОР ДОД?

– Аз ҷониби давлат як қатор вазифаҳо оид ба рушди соҳаи сайёҳии кишвар муайян шудааст, – ба суҳбат оғоз намуд Алишер Эштоев. – Аз ҷумла, сарвари давлат дар иҷлосияи 25-уми Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ дар Самарқанд қайд кард, ки соли 2023 ба кишвар омадани 7 миллион сайёҳ ба нақша гирифта шуда, то соли 2030 пешбинӣ шудааст, ки ин рақам ба 15 миллион нафар, гардиши сайёҳии дохилӣ – ба 25 миллион расонда шавад. Дар стратегияи рушди маҷмӯъгии сайёҳӣ то соли 2030 ба созмон додани инфрасохтори замонавии сайёҳӣ ва нақлиётӣ, сохтмони роҳҳои нави баландсуръати автомобилӣ ва оҳан, ду баробар зиёд кардани парки ҳавопаймоҳо ва чор баробар зиёд намудани шумораи парвозҳо афзалият дода мешавад. Алоҳида зикр гардид, ки дар шаҳру ноҳияҳои калон, ки сайёҳон бештар ташриф меоранд, 30 кластери бузурги сайёҳӣ ташкил карда мешаванд.

Бешубҳа, барои таъмини вазифаҳои пешбинишуда самарабахш истифода бурдани иқтидори сайёҳии минтақаҳо, аз ҷумла захираҳои сайёҳии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, созмон додани самтҳои нави сайёҳӣ ва маҳсулот муҳим мебошанд. Дар давраи гузашта дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон корҳои муайян анҷом дода шуданд. Соли гузашта ба он 114683 сайёҳи хориҷӣ ва 1 миллиону 44 ҳазор сайёҳони маҳаллӣ ташриф оварданд. Дар ин муддат содироти хидмати сайёҳӣ 25 миллиону 665 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил дод. Таҳлил нишон дод, ки аксари сайёҳон аз Русия, Қазоқистон, Фаронса, Туркия, Олмон, Италия, Испания, Британияи Кабир, ИМА ва Чин мебошанд.

**– Барои боз ҳам васеъ ҷалб намудани сайёҳон ба Ҷумҳурии Қароқалпоқистон боз ба чиҳо бояд эътибор дод?**

– Мувофиқи қарори Сарвари давлат ба мақсади ба роҳ мондани амалиёти илмӣ, ҳамгароии он бо назарияи роҳбарони 11 мактаби олӣ ва ҳокимони 30 ноҳия «харитаҳои роҳ» таҳия шуда, ба ҳаёт татбиқ карда мешаванд. Ноҳияҳои Тахтакӯпир, Хуҷайлӣ, Элликқалъаи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ба Донишгоҳи давлатии иқтисодиёти Тошканд вобаста карда шудааст. Профессорону омӯзгорон, тадқиқотчиён ва донишҷӯёни донишгоҳ баҳри омӯзиш ва рушди соҳаи сайёҳии ин минтақаҳо корҳои пайваста ба роҳ мондаанд.

Дар натиҷа маълум гардид, ки барои рушди соҳаи сайёҳии ин ноҳияҳо бояд корҳои муайянро анҷом дод. Аз ҷумла, бо назардошти хусусиятҳои қаламрави Ҷумҳурии Қароқалпоқистон хатсайрҳои сайёҳиро ташкил намуд. Масалан, барои сайёҳон то ба ноҳияи Хуҷайлӣ расидан ниҳоят ноқулай аст. Онҳое, ки меоянд, танҳо шаҳраки асримиёнагии Миздакхон ва мақбараи Мазлумхон-сулу, Ереҷеп Халифа ва Шамун-Набиро зиёрат мекунанд. Бинобар натиҷаҳои тадқиқотҳои маркетингӣ бояд ба рушди сайёҳии зиёратӣ, археологӣ ва гастрономӣ таваҷҷуҳ дода, дар берун аз мавсим чорабиниҳои гуногун ташкил карда шавад.

Маълум, ки ба мақсади тарғиби сайёҳии зиёратии аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда соли гузашта дар Бухоро фестивали Нақшбандия, Ҳафтаи байналмилалии сайёҳии зиёратӣ, конфронси байналмилалии «Нақши Бухоро дар тамаддуни исломӣ» бахшида ба 500-солагии мадрасаи Мири Араб гузаронда шуданд.

Дар Тирмиз конфронси байналмилалии «Имом Бухорӣ, Доримӣ ва Тирмизӣ: мактаби муҳаддисони Мовароуннаҳр» гузаронда шуд. Дар конфронс намояндагони қариб 30 кишвар, аз ҷумла Туркия, Марокаш, Кувайт, Аморати Муттаҳидаи Араб, Фаронса, Русия, Эрон, Алҷазоир, Британияи Кабир, кишварҳои Осиёи Марказӣ, инчунин олимони машҳур, намояндагони марказҳои тадқиқотии кишвари мо ва ВАО иштирок карданд.

Метавон гуфт, ки ноҳияи Хуҷайлӣ дорои мундариҷаи сайёҳӣ барои рушди сайёҳии зиёратӣ аст. Инфрасохтори сайёҳиро беҳтар кардан мувофиқи мақсад аст. Ҳоло дар ин ҷо хостели «Хуҷайлӣ» (20 ҷой) ва хонаҳои оилавии меҳмонӣ фаъолият доранд. Дар хостел сифати хидматрасонӣ ҷавобгӯи талабот нест. Аз ин рӯ, сайёҳони хориҷӣ дар меҳмонхонаҳои Нукус мемонанд ва ба хобгоҳ намераванд. Ба ин муносибат шумораи меҳмонхонаҳо зиёд карда шавад.

Дар ноҳияи Тахтакӯпир ёдгориҳои кӯли Қаратеран, Айдосқалъа, Барактам-1, Барактам-2, Ҷаманқалъа, Корганчақалъа, Косминор, Қилиш қалъа, Меҳтерқалъа, манораҳои Так ба талабот ҷавобгӯ набуда, аз Нукус дур ҷойгиранд. Аз ин рӯ, аз онҳо сайёҳони хориҷӣ дидан намекунанд.

Дар ин объектҳо туризми археологиро ташкил кардан мумкин аст, дар минтақаҳои биёбон туризми экстремалӣ, «сафарӣ», раллиро инкишоф додан мумкин аст. Мавҷудияти даҳ намуди моҳӣ дар кӯли Қаратеран, оламӣ набототу ҳайвоноти бой имкон медиҳад, ки туризми экологӣ (моҳидорӣ) инкишоф ёбад.

30 метр дуртар аз кӯли Қаратеран чанд чашмаи шифобахш мавҷуд, ки имкон медиҳад туризми солимгардонӣ ба роҳ монда шавад. Инчунин оид ба ҷалби сайёҳон ба самти сайёҳии ландшафтӣ, экологӣ ва рекреатсионӣ бояд чораҳо андешид.

Барои сайёҳони хориҷӣ ва маҳаллӣ метавон ба мамнуъгоҳҳои давлатии биосферии Амударёи Поён (собиқ мамнуъгоҳи давлатии Бадай-Тукай), ки дар соҳили рости Амударё дар назди кӯҳи Қоратов ҷойгир аст, экосаёҳатҳо ташкил намуд.

Дар ноҳияи Тахтакӯпир меҳмонхонаи оилавӣ мавҷуд аст. Иншоотҳои сайёҳии ин минтақа ба хатсайрҳои сайёҳӣ дохил карда нашудаанд.

Рӯйхати захираҳои туристии ноҳияҳои Элликқалъа, Хуҷайлӣ, Тахтакӯпирро бинобар сатҳ тартиб дода, барномаи марҳилаҳои ба рӯйхати ЮНЕСКО ворид кардани онҳоро бояд ташаккул дод. Мувофиқи таҳлилҳо дар як сол ба ноҳияи Элликқалъа ба ҳисоби миёна 25-30 ҳазор сайёҳи хориҷӣ меояд. Аксарияти онҳо Аёзқалъа ва Тупроққалъаро тамошо мекунанд.

Баъзе сайёҳон ба мавзеъҳои Буран, Бурли, Думанқалъа, Желдиққалъа, Кичик Қирққизқалъа, Қаватқалъа ташриф меоранд. 90 фоизи сайёҳони хориҷӣ тавассути вилояти Хоразм меоянд ва ҳамагӣ 4-5 соат дар ин минтақа қарор мегиранд. Барои дароз кардани муҳлати будубоши сайёҳон омадани онҳоро тавассути Нукус ташкил кардан бамаврид аст. Ин таҳияи самтҳои нави сайёҳиро тақозо менамояд.

Дар ноҳияи Элликқалъа ташкил кардани минтақаи сайёҳии рекреатсионии «Ақчагул» ба васеъ намудани диверсификатсияи хидмати сайёҳӣ меорад, ки ба меҳмонони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон пешниҳод карда мешаванд. Дар ҳудуд барои ташкили хидматрасонӣ ва бунёди иншооти фароғатии фарҳангӣ, рушди сайёҳии гастрономӣ ва шикор (моҳидорӣ) имкониятҳои кофӣ мавҷуданд. Аз рӯи натиҷаҳои тадқиқот 72 нуқтае муайян карда шуданд, ки дар он объектҳои инфрасохториро ҷойгир кардан мумкин аст. Ин нуқтаҳо ҳам дар ҷойгиркунӣ ва ҳам дар идоракунӣ қулай мебошад. Дар ҳудуд инчунин имкони бунёди амфитеатр ва ташкили хидматрасонии меҳмонхонаҳо вуҷуд дорад.

Самтҳои истироҳатӣ ва солимгардониро, ки асоси рушди кластерҳо дар ноҳияи Элликқалъа мебошанд, баррасӣ менамоем. Дар ин ҷо иншоотҳои санаториву солимгардонӣ нисбатан ривоҷ ёфтаанд, марказҳои рекреатсионӣ метавонанд ба сайёҳон шавқмандӣ бахшанд. Дар асоси шарикии давлатию хусусӣ ташкил намудани кластери сайёҳии рекреатсионию солимгардонии «Ақчагул» ба рушди минбаъдаи соҳа мусоидат хоҳад кард.

Инчунин, дар ҳудуд унсурҳои инфрасохтор барои рушди сайёҳии солимгардонӣ, фарҳангӣ, обӣ ва саёҳатӣ мавҷуданд. Дар воқеъ, инчунин сегменти истиқоматӣ – меҳмонхонаҳо дар соҳили кӯл, хонаҳои меҳмонӣ бо услуби миллӣ вуҷуд доранд. Аз ин имкониятҳо истифода бурда, маҳсулоти рақобатпазири туристӣ истеҳсол намуда, инфрасохторро такмил додан мумкин аст.

Ҳангоми ташкили низоми кластерӣ аз таҷрибаи шаҳрҳои курортӣ ва соҳилӣ истифода бурдан мумкин аст. Туркия, АМА, Гурҷистон ба ин мисол шуда метавонанд. Бояд мутахассисони намоёнро ҷалб кард. Кластер воқеан имкони таъмини рақобатпазирии минтақа, яъне имкони фароҳам овардани стратегияи дарозмуҳлати рушди созмонҳои сайёҳӣ мебошад.

Масалан, ба мавзеи туристӣ табдил додани мавзеи археологии Тупроққалъаи ноҳияи Элликқалъа ва ташкили музейи этнографии Тупроққалъа саривақтӣ хоҳад буд.

Захираҳои минтақа аз имкони таъсиси чунин осорхона шаҳодат медиҳад, ки бояд маҷмӯе гардад, яъне арзишҳои таърихии мардуми қадим, намунаҳои ҳунарҳои мардумӣ, расму оинҳои имрӯза, омода намудани таомҳои миллӣ, маълумот оид ба аҳамияти омӯзиши таърихии ёдгории Тупроққалъаро инъикос диҳанд. Аз Хоразм дар 30 километр ва аз Нукус 120 километр ҷойгир шудани маҷмӯъ барои истифодаи хатсайрҳои дохилӣ ва байналмилалӣ қулайӣ фароҳам меорад.

Пурра истифода бурдани иқтидори сайёҳии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ташкил кардани хатсайрҳои нави сайёҳӣ ва истифодаи васеи инноватсия дар амалиёт натиҷаҳои мусбат хоҳанд дод.

Суҳбатнигор

**Абдулазиз РУСТАМОВ, мухбири ЎзА.**

# САМАРИ ҲАМКОРИҲОИ ДӮСТОНА ЧАШМРАСАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ҳар ду давлат дар масъалаҳои ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ хушбин буда, омодаанд иқтидорҳои навро ба кор баранд ва дар пешрафти иқтисоди миллии кишварҳо мусоидат намоянд. Дар ин росто таъсиси корхонаҳои муштарак ва ба кор даровардани корхонаҳои бекормондаи Тоҷикистон тавассути ҷалби сармояи кишвари ҳамсоя имкон медиҳад, ки теъдоди ҷойҳои кориро боз ҳам зиёд намоем ва раванди ҳамкориҳои иқтисодиро беҳтар созем. Баъзе корхонаҳои муваффақи Ӯзбекистон омодаанд, ки ба хотири ба даст овардани алюминии аълосифат дар азнавсозии корхонаҳои Ширкати «ТАЛКО» иштирок намоянд. Айни замон дар Тоҷикистон зиёда аз 90 корхонаи муштарак бо иштироки сармояи ӯзбекистонӣ таъсис ёфта, бо муваффақият фаъолият доранд, ки маҳсулот ва хидматрасониро ба бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ равона мекунанд.

Дар масъалаи истифодаи конҳои ангишт низ ҷониби Ӯзбекистон омода аст аз захираҳои табиии Тоҷикистон истифода кунад ва гардиши молу маҳсулотро аз ҳисоби воридоти ангишт зиёд намояд. Ҳоло Ӯзбекистон аз кишвари мо ангишт харидорӣ менамояд, аммо ҳаҷми он ниҳоят кам буда, талаботи кишвари ҳамсояро қонеъ намекунад. Ба хотири зиёд кардани харидории ангишт аз Тоҷикистон ҳар ду ҷониб омодаанд, ки роҳи оҳани Самарқанд – Панҷакентро ба анҷом расонанд. Дар ҷаласаи ёздаҳуми байниҳукуматӣ сарвазирони кишварҳо ба масъулин дастур доданд, ки лоиҳаи сохтмони роҳи оҳанро барои мувофиқа ба сарони давлатҳо пешниҳод кунанд. Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки тарафи Тоҷикистонро вазоратҳои нақлиёт ва саноату технологияи нав ва ҷониби Ӯзбекистонро Вазорати нақлиёт ва Ширкати «Роҳи оҳани Ӯзбекистон» бар ӯҳда мегирад ва онро дарояндаи наздик амалӣ месозанд. Бунёди роҳи мазкур, ки тарҳи он ҳанӯз солҳои чилуми асри бист омода шуда буд, як қадами устувор дар боло бурдани ҳамкориҳои иқтисодӣ ба шумор меравад.

Дар соҳаи нақлиёт низ ҳамкориҳо густариш ёфта истодаанд. Ҳаҷми боркашонӣ ду маротиба зиёд шуда, аксари нақлиёти боркаш тавассути гузаргоҳои сарҳадии миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ҳаракат мекунанд, аз роҳҳои транзитии ҳамдигар мутаносибан истифода менамоянд. Дарояндаи наздик мақсад аст, ки ҳаҷми пардохти андозҳоро сабук гардонанд ва ҷиҳати ҳаракати мошинҳои боркаш шароити беҳтар муҳайё намоянд. Равобити ҳамкориҳо дар ин самт имкон доданд, ки таҷрибаи рақамикунониро дар сохтори нақлиёти Тоҷикистон амалӣ созанд ва сатҳу сифати назорати мошинҳо ва дигар масъалаҳои логистикиро осон гардонанд.

Раванди ҳамкориҳо дар соҳаи энергетика ва ҳамлу нақли барқ низ рӯ ба беҳбудӣ ниҳодааст. Бо ташаббуси сарони давлатҳо дар дарёи Зарафшон сохтмони ду неругоҳи барқи обӣ ба нақша гирифта шудааст. Имрӯзҳо корҳои лоиҳакашӣ идома доранд ва моҳи май масъули сохтмон дар озмуни байналмилалӣ иштирок карда, барои оғози кор маблағи сармоягузорӣ ҷудо мешаванд ва дарояндаи наздик кори сохтмони ин неругоҳҳо оғоз меёбанд. Тамоми санадҳои дуҷониба дар ин самт ба имзо расиданд. Ҳамзамон миёни роҳбарони вазоратҳои энергетика масъалаи ҳамлу нақли барқи транзитӣ, бунёди зеристгоҳҳои пурқуввати сарҳадӣ ва таъмин кардан бо таҷҳизоти соҳаи барқ ба мувофиқа расиданд. Миёни ширкатҳое, ки ба тавлиди барқ, фурӯшу назорати он машғул мебошанд, ҳамкориҳои қарин ба роҳ монда шудаанд.

Бояд гуфт, ки дар соҳаи кишоварзӣ низ ҳамкориҳо бо суръат идома доранд. Дар ин самт бунёди Боғи дӯстӣ дар бист гектар замин дар шаҳри Ҳисор аз иқдомҳои назаррас ба ҳисоб меравад. Тамоми ниҳолҳо ва кори агролабораторӣ он бар дӯши ҷониби Ӯзбекистон буда, ҷудо кардани замин ва муҳайё намудани шароити корӣ бар дӯши Тоҷикистон аст. Ҳоло тамоми ниҳолҳо шинонда шуданд, ҳавзи об бунёд ёфта, дарахтон зери назорати мутахассисон қарор доранд. Дигар ин ки дар маркази вилояти Суғд филиали Маркази хидматрасонии кишоварзӣ (АКИС) барои кормандони соҳаи кишоварзӣ таъсис ёфт, ки дар он ҳар моҳ аз ҷониби Ӯзбекистон олимон ва мутахассисони соҳаи кишоварзӣ даъват карда мешаванд ва кормандону мутахассисони тоҷикро бо дастовардҳои муосири кишоварзӣ, ирригатсионӣ, чорводорӣ, боғдорӣ, ангурпарварӣ, пахтакорӣ, кирмакпарварӣ ва амсоли инҳо шинос менамоянд. Курси нахустин бо иштироки олимону муовинони вазирҳои кишоварзии ҳар ду кишвар моҳи феврали соли 2024 доир гардид.

Ба ғайр аз ин ҷониби Ӯзбекистон кишоварзони Тоҷикистонро бо навъҳои хушсифати тухми гандум, пахта ва дигар намудҳои зироат таъмин менамояд. Дар соҳаи боғдорӣ, гулпарварӣ, чорводорӣ ва зироаткорӣ ҳам ҳамкориҳо ба роҳ монда шудаанд. Дар соҳаи тут ва кирмакпарварӣ низ корҳои назаррас ба анҷом расиданд. Соли дуюм аст, ки ҷониби Тоҷикистон аз тутҳои сербарги ӯзбекистонӣ истифода мекунад ва барои гирифтани ду-се ҳосил омодагӣ мегирад. Ҳоло дар кишвари ҳамсоя дар баъзе ноҳияву вилоятҳо соле то чаҳор маротиба ҳосили барги тут мегиранд. Ҳамзамон, тарафи Ӯзбекистон ба кишвари мо поруҳои менералӣ, аз ҷумла, селитра, мачавина, карбамит ва ғайраро равон мекунад.

Дар соҳаи сайёҳӣ низ имконоти ҳамкориҳо зиёданд. Ҳоло байни ширкатҳои сайёҳӣ қарордодҳои зиёд ба имзо расида, сайёҳон аз ҳар ду ҷониб аз мавзеъҳои сайёҳӣ дидан менамоянд ва бо таассуроти нек бармегарданд. Махсусан, сайёҳии кӯҳӣ, тиббӣ ва зиёратӣ бештар ба назар мерасанд. Ҳар сол дар шаҳри Тошканд намоиши имконоти сайёҳии Ӯзбекистон доир мешавад. Аз Тоҷикистон дар ин чорабинӣ то 20 ширкати сайёҳӣ иштирок менамояд ва қарордоди ҳамкорӣ ба имзо мерасонад. Ҳоло масъулони ноҳияҳои Китоб ва Шаҳрисабз ният доранд, ки хати сайри алоҳидаи туристӣ ба шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон ва баръакс мавзъеҳои истироҳативу таърихии худашонро ташкил намоянд. Як қисми шаҳрвандони Тоҷикистон, хушбахтона аз марказҳои тандурустӣ ва санатории кишвари ҳамсоя истифода карда, хоҳишмандони ба Тоҷикистон барои истироҳат рафтан низ кам нестанд. Танҳо соли гузашта беш аз якуним миллион шаҳрвандони Тоҷикистон аз мавзеъҳои мухталифи давлати ҳамсоя боздид ба амал оварданд, беш аз ҳаштсад ҳазор шаҳрвандони Ӯзбекистон бо ин мақсад ба Тоҷикистон сафар карданд. Ин омор нишон медиҳад, ки муносибати байни кишварҳо дар соҳаи сайёҳӣ беҳтар шудаанд. Вале ҳанӯз имкони зиёд кардани теъдоди меҳмонону сайёҳон аз ҳар ду ҷониб зиёд мебошад.

Қабули «Аҳднома доир ба ҳамкориҳои стратегӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон» барои васеъ шудани ҳамкориҳо дар ҳамаи самтҳои иқтисоди миллӣ ва робита миёни сохторҳои давлатӣ ва ғайриҳукуматӣ такони ҷиддӣ бахшид ва раванди муносибатҳои дӯстонаро боз ҳам беҳтар намуд. Дар якчанд чорабинии сатҳи баланд, ки дар Тошканд ва Самарқанд доир гаштанд, Президенти Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуд.

Ба хотири иштирок дар ҷашни панҷсолагии Музокироти машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, конфронси сатҳи баланд доир ба ҳалли мушкилоти баҳри Арал ва боздид аз намоишгоҳи дастоварди кишварҳои Осиёи Марказӣ Президенти Ӯзбекистон, муҳтарам Ш. Мирзиёев ба Тоҷикистон ташриф оварда, дар ду чорабинии аввал суханронӣ карда ва ҳамроҳи ҳамтоёни хеш аз намоишгоҳи дастовардҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ дидан намуд. Мулоқоти мазкур ва вохӯриҳои дуҷониба ва бисёрҷониба ба рушди ҳамкориҳои минбаъда асос гузоштанд. Дар заминаи ин мулоқоту вохӯриҳо ҳокимиятҳои давлатӣ робитаро устувор карда, дар чандин чорабинии муштарак иштирок намуданд.

Соли 2023 ду маротиба Раиси Сенати Ӯзбекистон Танзила Норбоева ба Душанбе ташриф оварда, бо Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Тоҷикистон, муҳтарам Рустами Эмомалӣ вохӯрд ва дар конфронси минтақавии занон дар мавзӯи масоили гендер иштирок ва суханронӣ намуд.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон муҳтарам М. Зокирзода дар ҷаласаи навбатии байнипарлумонии кишварҳои аъзои ИДМ дар Самарқанд ширкат ҷуст ва суханронӣ кард, ҳамчунин бо Раиси Палатаи қонунгузории Ӯзбекистон мулоқот доир намуд. Ҳоло дар ҳар ду парлумон дар сатҳи муовинони раисҳо гурӯҳҳои дӯстӣ таъсис ёфтаанд, ки саҳмашон дар таҳкими муносибатҳои дӯстона назаррас мебошад.

Бояд таъкид кард, ки миёни минтақаҳои озоди иқтисодии ду кишвар низ ҳамкориҳо бо маром идома доранд. Бо ташаббуси Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон роҳбарону кормандони минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба кишвари ҳамсоя сафар карда, аз минтақаҳои озоди иқтисодии вилоятҳои Самарқанд, Бухоро, Навоӣ, Тошканд дидан карданд ва ёддошти тафоҳум ба имзо расониданд. Дар заминаи ҳамин санадҳо ҳоло дар Минтақаи озоди иқтисодии Хуҷанд корхонаи муштарак ба кор даромада, бунёди ду корхонаи дигар идома дорад. Бовар дорем, ки байни минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар оянда робитаҳо боз ҳам таҳким хоҳанд ёфт. Махсусан, масъулини минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон метавонанд аз минтақаҳои озоди иқтисодии вилоятҳои Навоӣ, Тошканд, Ҷиззах, Самарқанд, ки имконоти бештар доранд, истифода намоянд. Имрӯзҳо дилерону тоҷирони тоҷик аз баъзе минтақаҳо маводу масолеҳи зиёдро барои фурӯш ба нуқтаҳои савдои Тоҷикистон ирсол менамоянд ва ҳамчунин ҷиҳати ҳамкориҳо мусоидат менамоянд.

Бояд гуфт, ки дар шаш соли охир ҳамкориҳои минтақавӣ ҳам ба маротиб боло рафтааст. Ҳоло миёни аксари вилояту ноҳияҳо, бахусус ноҳияву шаҳрҳои сарҳадӣ, ҳамкориҳои дуҷониба ривоҷ ёфта, масъулини шаҳру ноҳияҳо чорабиниҳои муштарак мегузаронанд ва дар тадбирҳои ҳамдигар фаъолона ширкат меварзанд.

Дар соҳаи маориф низ робитаҳо назаррас мебошанд. Миёни донишгоҳу донишкадаҳо ҳамкориҳо оғоз шуда, табодули таҷриба сурат гирифтааст ва рафту омади олимон, инчунин иштирок дар конфронсҳои ҳамдигар ба назар мерасанд. Ташкил ва баргузории Форуми ректорони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба ҳукми анъана даромадааст. Соли гузашта бо иштироки вазири таҳсилоти олии касбӣ ва илму инноватсияи Ӯзбекистон як ҳайати бонуфузи ректорон ба Душанбе ташриф оварданд ва тайи ду рӯз масоили ҳамкориҳоро баррасӣ карда, ба кору фаъолияти ҳамтоҳояшон шинос гардиданд. Ният аст, ки имсол рӯзҳои наздик чунин Форум дар Тошканд баргузор шавад.

Дар соҳаи санъат ва фарҳанг низ анъанаи пешинаи ҳамкориҳо баркарор ва ташкили сафарҳои ҳунарӣ ба роҳ монда шудааст. Як қисми театрҳои Тоҷикистон ба вилояти Бухоро, Самарканд, Қуқанд, Фарғона сафари эҷодӣ намуданд ва театрҳои Ӯзбекистон низ ба Тоҷикистон рафта, ҳунари худро нишон доданд. Консертҳои муштарак низ баргузор шуданд. Дар Тошканд консерти Далер Назаров ва Хуршед Иброҳимов баргузор шуд, ки онҳоро тамошобинон гарму ҷӯшон истиқбол намуданд.

Дар соҳаи рассомӣ низ ҳамкориҳо натиҷаи хуб доданд. Раиси Иттифоқи рассомони Тоҷикистон Н. Ҳомидова дар Тошканд ёддошти тафоҳумро ба имзо расонид. Дар ин замина дар Тошканд ва Самарқанд намоиши рассомони тоҷик баргузор шуд. Дар оянда ният аст, ки намоиши рассомони Ӯзбекистонро дар Душанбе баргузор намоем.

Хушбахтона, дар бахши ровобити адабӣ низ натиҷаҳои дилхоҳ ба назар мерасад. Шаш нафар узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон, ки тоҷикони муқими Ӯзбекистонанд, ба узвияти Итифоқи навсандагони Тоҷикистон пазируфта шуданд. Дар ноҳияи Чуст ҷашни устод С. Улуғзода, дар Тошканд ҷашни устод М. Турсунзода ва дар Фориш ҷашни Ҷонибек Қувноқов бо иштироки адибону нависандагони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон доир гардид. Дар ноҳияи Бойсун ба хотири гиромидошти устод Саттор Турсун маҳфили адабӣ доир шуд, ки дар он меҳмонон аз Тоҷикистон иштирок намуданд. Ба муносибати 70-солагии таъсиси шуъбаи Иттифоқи нависандагони вилояти Суғд теъдоди зиёди адибону нависандагон ва рӯзноманигорони Ӯзбекистон ба шаҳри Хуҷанд сафар карда, бо таассуроти нек баргаштанд ва силсилаи мақолаҳоро дар васфи дӯстии адибони тоҷик ва ӯзбек таълиф карданд. Боиси хурсандист, ки солҳои охир чопи китобҳои адибони тоҷики муқими Ӯзбекистон ба маротиб зиёд шуда, ҳар сол беш аз чорсад китоби бадеӣ ва адабӣ интишор мешаванд. Рафтуомади адибон дар чорабиниҳои илмиву адабӣ имкон медиҳанд, ки онҳо аз пешрафту дастовардҳои ҳамдигар огоҳ шаванд ва воқеияти имрӯзаро хубтару беҳтар инъикос намоянд. Дар ин самт маҳфили «Ганҷи сухан», ки аз ҷониби Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода дастгирӣ меёбад, шоистаи таҳсин мебошад. Як зумра шоирону адибон, олимону рӯзноманигорон, ки аъзои фаъоли ин маҳфил мебошанд, дар вилоятҳои Фарғона ва Тошканд маҳфили дӯстӣ гузаронида, иштирокчиёнро бо ашъори нави худ, ки бештарашон дар мавзуи дӯстӣ таълиф шудаанд, шинос намуданд. Чунин як чорабинӣ дар шаҳри Самарқанд низ доир хоҳад гашт.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки дастовардҳои шаш соли охир дар ҳамаи бахшу соҳаҳои иқтисоди миллӣ миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон назаррас буда, метавон ин ҳамкориҳоро аз ҳар ду ҷониб қаноатманд ҳисобид. Чунин раванди ҳамкориҳо барои рушди соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ роҳи васеъ боз карда, муносибати дӯстонаи ду давлат ва ду халқи бародар ва ҳамсояро боз ҳам баланд мебардорад.

Бо эътимод метавон гуфт, ки муносибати дӯстонаи халқҳои тоҷик ва ӯзбек самари нек дода, ба таҳкими муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба мусоидат менамояд.

# УФУҚҲОИ НАВИ ҲАМКОРИҲОИ СТРАТЕГӢ МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

Дар Муассисаи давлатии Китобхонаи миллии Тоҷикистон 12 апрели соли 2024 конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Тоҷикистон ва Ӯзбекистон: уфуқҳои нави ҳамкории стратегӣ ва ҳампаймонӣ” баргузор гардид, ки дар ин бора сафорати Тоҷикистон дар Ӯзбекистон хабар додааст. Дар конфронс роҳбарият ва коршиносони пешбари Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагон аз Академияи миллии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон ва аз ҷониби Ӯзбекистон намояндагон аз Институти байналмилалии Осиёи Марказӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ, Институти тадқиқоти стратегӣ ва байниминтақавии назди Президенти Ӯзбекистон ва ғайра ширкат варзиданд.

Конфронсро директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Тоҷикистон Хайриддин Усмонзода ифтитоҳ намуда, қайд кард, ки ҳамоиши мазкур идомаи мантиқии талошҳои муштараки роҳбарони ҳар ду кишвар ба шумор рафта, муносибати дӯстонаю хайрхоҳонаи мардуми Тоҷикистону Ӯзбекистонро доир ба таҳкими робитаҳои дӯстӣ ва рушди муштарак инъикос менамояд.

Муовини вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Содиқ Имомӣ зимни суханронии худ доир ба вазъи муосири муколамаи сиёсӣ ва ҳамкориҳои стратегии байни Тоҷикистону Ӯзбекистон ва масъалаҳои минтақавию байналмилалӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҳамкориҳои ҳар ду давлатро дар ин самт мусбат арзёбӣ намуд.

Директори Институти байналмилалии Осиёи Марказӣ Ҷавлон Ваҳҳобов аз пазироии самимии роҳбарияти Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Тоҷикистон изҳори сипос намуда қайд кард, ки муносибатҳои сиёсиву дипломатӣ, иқтисодию фарҳангии байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон солҳои охир беш аз пеш густурда ва мустаҳкам мегарданд. Ҳамкориҳои воқеии ҳар ду давлат дар соҳаҳои тиҷорат, нақлиёт, маориф, энергетика, саноати кӯҳӣ, кишоварзию дигар самтҳои афзалиятнок ба роҳ монда шудаанд, ки минбаъд низ таҳким хоҳад ёфт.

Дар рафти суханронӣ маърузачиён ба масъалаҳои густариши дипломатияи халқӣ, рушди робитаҳои байниминтақавӣ, таҳкими ҳамкории фарҳангӣ-гуманитарӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд.

Бо тасдиқи эҳтироми тарафайн, ҳамсоягии нек ва заминаи устувори дӯстии байни кишварҳо, иштирокчиён инчунин мавҷудияти иқтидори назарраси истифоданашударо дар самтҳои гуногуни соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, барои густариши минбаъдаи ҳамкорӣ қайд карданд. Дар бахше аз соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа, сарони ду кишвар дар музокироти қаблӣ ба мувофиқа расиданд, ки ҳаҷми муомилоти тиҷоратии дуҷониба тавассути густариши ҳамкорӣ дар тарҳҳое, ки ҷанбаи мусбат ба Осиёи Марказӣ доранд (нақлиёт, кишоварзӣ, энергетика, истифодаи об ва ғайра), афзоиш диҳанд.

Дар интиҳои ҳамоиш ҷонибҳо равобити Тоҷикистону Ӯзбекистонро дар ҳама самтҳо бомуваффақият арзёбӣ намуда, таҳкими минбаъдаи муносибатҳои иттифоқӣ талошҳои муштараки ҳукумат, доираҳои соҳибкорӣ ва коршиносони ду кишвар дар ҳоли тақвият натиҷагирӣ намуданд.

Иштирокчиёни ҳамоиш як қатор пешниҳодҳои мушаххас ва амалиро оид ба таҳкими робитаҳои байни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон дар соҳаҳои сиёсӣ-дипломатӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва фарҳангию гуманитарӣ баён намуда, равишҳои нави ғайристандартӣ барои тақвияти ҳамкориҳои дуҷонибаро зарур ва муҳим қайд намуданд.

Дар интиҳои ҳамоиш Хайриддин Усмонзода ва Ҷавлон Ваҳҳобов истифодаи самараноки иқтидори ҳамкории дуҷонибаи тиҷоративу иқтисодӣ ва пайгирии амалии иҷрои шартномаҳоеро, ки дар рафти гуфтушунидҳо ва муколамаи созанда байни роҳбарони ҳар ду кишвар ба даст оварда шудаанд, зарур донистанд.

**(Мухбири худамон).**



*Сокинони маҳаллаи Истиқлоли ноҳияи Хиваи вилояти Хоразм усулҳои нави баҳрабардорӣ аз замини рӯйи ҳавлиро кашф менамоянд. Дар маҳаллаи Истиқлол наздик ба 3 ҳазору 200 нафар аҳолӣ истиқомат мекунад. Дар ин ҷо 10 корхонаи истеҳсолӣ, наздик ба 30 шохобчаи хидматрасонӣ, дар ҳудуди ҳамсоя хоҷагиҳои фермерӣ мавҷуд. Мардум асосан бо деҳқонӣ машғул мебошанд.*

## ХАБАРҲО

### ҲАМКОРИҲОИ НАВБАТӢ БО ББРА

***Вазири сармоя, саноат ва савдои Ӯзбекистон Лазиз Қудратов бо директори идоракунии Бонки барқарорсозӣ ва рушди Аврупо оиди Осиёи Марказӣ Жужанна Ҳаргитай музокира гузаронд.***

Дар суҳбат масъалаҳои ҷараёни амалисозӣ ва боз ҳам рушд додани ҳамкории истиқболии лоиҳаҳои сармоявӣ бо иштироки ББРА дида баромада шуд. Ҷонибҳо қарор карданд, ки моҳи майи соли равон дар доираи Форуми байналхалқии сармоявии Тошканд таҳти ҳамкорӣ бо ББРА ҷамъомади навбатии шӯрои сармоядорони хориҷӣ баргузор мегардад. Барои бо савияи баланд рӯйикороии чорабинӣ масъалаи ташкилӣ дида баромада шуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки таъминоти об ва тоза нигоҳ доштани обҳои равон, таъминоти энергетикӣ ва гармигузаронии марказонидашуда, дастгирии нақлиёт ва соҳибкории хурду миёна чун масоили муҳим дар портфели ББРА ҷойгир шудааст, ки ин лоиҳаҳо ҷамъ 391,3 миллион евро арзиш доранд.

### ВАКИЛИ БАЛАНДРУТБАИ АРТИШИ ҲИНДУСТОН ДАР ӮЗБЕКИСТОН

***Навъе АИ «Дунё» хабар дод, роҳбари штаби Қӯшунҳои хушкигарди Қувваҳои мусаллаҳи Ҳиндустон Маноҷ Панде ба Ӯзбекистон омад.***

Вакили баландмартабаи артиши Ҳиндустон дар Вазорати дифоъи Ӯзбекистон истиқбол гашт. Дар доираи вохӯрии ӯ бо ҷонишини аввали вазири дифоъ – сардори Сарштаби Қувваҳои Мусаллаҳи Ӯзбекистон Шуҳрат Холмуҳамедов масъалаҳои ҳамкории истиқболии ҳарбии ду мамлакат, ҳамчунин рафти давраи панҷуми машғулоти ҳарбии муштарак дар полигони «Тирмиз» муҳокима шуд. Баъди он намояндагии Ҳиндустон аз музейи давлатии ҚМ Ӯзбекистон дидан кард.

Генерал-майор Манож Панде дар маросими кушоиши лабораторияи технологияи иттилоотии бо кумаки Ҳиндустон ташкилшуда ширкат варзид.

### БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ХОДИМОНИ МАДАНИЯТ ВА САНЪАТ

***15 апрел дар мамлакатамон Рӯзи ходимони маданият ва санъати Ӯзбекистон муайян шудааст. Аҳли маданият ва санъати диёрамон иди касбии худро сазовор таҷлил карданд.***

Синамогарон низ дар канор намонданд ва ба ин муносибат ба водии Фарғона таҳти ҳамкории Агентии кинематография ва Маркази рушди кинематографияи миллӣ сафарҳои кинокорвон ташкил карда шуд. Киноэҷдкорони мо бо дӯстдорони санъати синамо вохӯрданд, оиди навигариҳои охирин дар соҳа маълумот доданд. Консерт низ ташкил гашт.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

***Гурӯҳи 18-нафарии ҷавонони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Қушчӣ»-и ноҳияи Фурқати вилояти Фарғона соҳиби қитъаи замин шуданд. Ин иқдом ҷавоб ба қарори Президент аз 5 апрели соли равон «Дар бораи чораву тадбири афзоиш додани даромади ҷавонон бо роҳи ба онҳо ҷудо карда додани қитъаҳои замин ва таъмин кардани онҳо ба кор» арзёбӣ гардид.***

# БА ҶАВОНОН ҚИТЪАҲОИ ЗАМИН ҶУДО КАРДА ШУД

Ин қитъаҳои замин аз ҳисоби майдонҳои навкораме ҷудо карда шудааст, ки муддати дароз бекор мехобиданд ва ҳоло мавриди обёрӣ қарор гирифтаанд.

– Ҳар як довталаби ҷавон ният дорад, ки аз қитъаи замини барояш додашуда оқилона ва самаранок истифода мебарад ва дар оянда даромади оилаи худро афзоиш медиҳад. Ба ҷавононе, ки издивоҷ хоҳанд кард, то 100 миллион сӯмӣ қарзи имтиёзнок низ ҷудо карда мешавад. Ин ҷавонон дастаҷамъона ба Сарвари давлатамон барои фароҳам овардани чунин имконият ва ғамхории беназир арзи сипос карданд, – гуфт ноиби ҳокими ноҳия оид ба корҳои сиёсати ҷавонон, рушди иҷтимоӣ ва маънавӣ-маърифатӣ Алимардон Аъзамов.

Вай афзуд, ки як гурӯҳ мутахассисони соҳаи кишоварзӣ ба ҷавонон оид ба кишту парвариши навъи зироатҳои гуногун ва нигоҳубини он, истифодаи босамари агротехника ва мавсими обёрӣ маълумоти лозима ироа намуданд.

Бояд гуфт, ки қитъаҳои ҷудошуда на танҳо ба таъмини ҷавонон бо шуғл мусоидат менамояд, балки барои фаровонии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ низ саҳми калон мегузорад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

***Тедрос ГЕБРЕЙЕСУС:***

# ДИГАРГУНИҲОИ ӮЗБЕКИСТОН БО РӮЗНОМАИ ҶАҲОНИИ СУС ҲАМОҲАНГ МЕБОШАНД

Намояндаи доимии Ӯзбекистон дар назди Шуъбаи СММ ва дигар созмонҳои байналхалқӣ дар Женева Элдиёр Тошматов бо директори генералии Созмони умумиҷаҳонии саломатӣ (СУС) Тедрос Гебрейесус вохӯрд.

Ба роҳбари СУС дар бораи ислоҳоти васеъмиқёсе, ки дар соҳаи нигаҳдории тандурустии Ӯзбекистон татбиқ мегарданд, маълумот пешниҳод гардид. Таъкид шуд, ки тӯли солҳои охир якҷо бо СУС дар соҳаҳои тайёркунии кадрҳо, баланд бардоштани ихтисоси духтурон, пешниҳоди таҷҳизоти замонавӣ ва дорувор ба муассисаҳои тиббӣ, мубодилаи таҷриба ва дониш корҳои зиёде амалӣ шуданд.

Дар навбати худ Тедрос Гебрейесус зикр сохт, ки аз дигаргуниҳои воқеъ дар Ӯзбекистон, ки ба Рӯзномаи ҷаҳонии СУС ҳамоҳанг буда, дастёбиро барои умум аз хидматҳои нигаҳдории тандурустӣ таъмин мекунанд, қаноатманд мебошад.

Ба вусъат додани фаъолнокии лоиҳавӣ, ки ба рушди низоми нигаҳдории тандурустии Наздиарал, аз ҷумла, барои минбаъд такмил додани ташкили кумакҳои тиббӣ, ташхис ва бармаҳал муайян намудани касалиҳои ғайрисироятӣ, респиратӣ ва онкологӣ дар байни аҳолии Қароқалпоқистон нигаронида шудаанд, эътибори махсус дода шуд.

Аз вусъат додани ҳамкории СУС бо Бунёди байналхалқии ҷамъиятии «Zamin» бобати татбиқ кардани лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи тиб манфиатдорӣ изҳор гардид.

Дар анҷоми вохӯрӣ директори генералӣ изҳор дошт, ки СУС барои инкишоф додани ҳамкории муътамад бо Ӯзбекистон, ҳамчунин кумакрасонӣ дар ташкил намудани тадбирҳои муштарак дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ омода мебошад.

**АИ «Дунё»,**

*шаҳри ЖЕНЕВА.*

# МУРОҶИАТҲОИ ҶАВОНОНРО ШУНИДАНД

***Сардори Садорати вилоятии Хидмати амнияти давлатӣ А. Аҳмадов бо мақсади ҳал кардани мушкилот ва шунидани пешниҳодҳои ҷавонон дар ноҳияҳои Оқдарё ва Булунғур «Вохӯрии роҳбар ва ҷавонон»-ро ташкил кард.***

Дар вохӯриҳо, ки бо иштироки роҳбарони секторҳо ва масъулони ташкилотҳои мутасаддӣ баргузор гардиданд, муроҷиатҳои беш аз 200 нафар ҷавононро роҷеъ ба фароҳам овардани шароит барои соҳибкорӣ, таъмини шуғл, ташкили мусобиқаҳои варзишӣ шуниданд.

Дар вохӯрие, ки дар ноҳияи Оқдарё баргузор шуд, сардори шуъбаи ноҳиявии Агентии кор бо ҷавонон Маъруфхон Мӯсоев таъкид кард, ки 14 муроҷиати дар вохӯрии соли гузашта баёнкардаи ҷавонон ба таври мусбӣ ҳал шуданд.

– Дар ноҳияамон 35 маҳалла буда, дар онҳо 41 ҳазор нафар ҷавонони аз 14 то 30-сола зиндагӣ мекунанд, – гуфт М. Мӯсоев. – Дар оғози соли равон ҳангоми ба рӯйхат гирифтани ҷавонон 929 нафар ҷавонони тарбияаш вазнин ва 1667 нафар бекор муайян гардида, ба таъмини шуғли онҳо ва таълими касбу ҳунар роҳбарони секторҳо ва масъулони идораҳои ҳуқуқу тартибот вобаста карда шуданд. Инчунин, бо волидайни 768 нафар ҷавононе, ки дар муҳоҷират кор мекунанд, вохӯриҳо гузарондем. Вобаста ба вазъи иҷтимоии ҷавонон «Дафтари ҷавонон» ташаккул дода шуд.

Дар вохӯрӣ ҷавонони оқдарёӣ асосан дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ ва васеъ кардани он, ҷудо кардани замин, сохтани майдончаҳои варзишӣ, кушодани марказҳои таълимӣ ва таъмин бо кор муроҷиат карданд.

Аз ҷумла, сокини маҳаллаи Янгиқишлоқ Самандар Саъдуллоев гуфт, ки дар доираи лоиҳаи «Касбҳои оянда» фаъолияти ба тӯю маросимҳо хидматрасониро роҳандозӣ карда, чор нафар шахсро бо кор таъмин кардааст ва барои гирифтани медиа-таҷҳизот, инчунин дар маҳалла кушодани маркази таълими забони немисӣ кумак пурсид.

Дар вохӯрӣ бо ҷавонони булунғурӣ низ роҷеъ ба муроҷиатҳои ҷавонон чораҳо муайян гардида, масъулон вобаста карда шуданд. Аз ҷумла, сарвари ҷавонони маҳаллаи Килдон Беҳзод Лапасов ёдрас кард, ки сарварони ҷавонон дар маҳаллаи Янгиқишлоқ «Боғи ҷавонон»-ро ташкил кардаанд, вале он сохтори обёрӣ надорад ва барои иҳота кардани атрофи боғ ёрӣ пурсид.

– Соли гузашта дар «Вохӯрии роҳбар ва ҷавонон» барои васеъ кардани маркази таълимии худ кредити имтиёзнок пурсида будам, – гуфт сокини маҳаллаи Оқтеппа Соҷида Турдибекова. – Муроҷиатро ҳал карда, кредит доданд ва ҳоло дар маркази мо 500 нафар ҷавонон таҳсил мегиранд. Акнун бо мақсади дар байни ҷавонон ривоҷ додани IT ва китобхонӣ дар мавзеи «Ӯзбекистони Нав» бо конструксияҳои сабук маркази IT-и замонавӣ ва китобхона ташкил карданро мехоҳам. Бинобар ин, хоҳишмандам барои ҷудо кардани замин ёрӣ диҳед.

Масъулон лоиҳаҳоро баррасӣ карда, маълум карданд, ки кумак медиҳанд. Агар нақшаи мо амалӣ шавад, ҳар сол то 200 нафар ҷавонон касбҳои IT-ро меомӯзанд.

Сокини маҳаллаи Килдони хурд Шокир Раҳматов изҳор намуд, ки ба қарибӣ аз Русия баргаштааст ва ҳоло бекор аст. Бинобар ин, барои оғози фаъолият мотокултиватор пурсид. Отабек Масолиеви янгиободӣ пас аз гирифтани таҳсил дар Куриёи Ҷанубӣ дар ноҳия маркази таълим кушода, ҷавононро бо кор таъмин кардааст. Бинобар ин, барои васеъ кардани фаъолият бинои холӣ пурсид.

Сарвари садорат арзи ҳар як ҷавонмард ва духтаронро шунида, маълум кард, ки масъалаву мушкилоти онҳоро якҷо бо масъулони дараҷаи вилоят ва ноҳия, идораҳои дахлдор ҳал мекунанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*Сокини ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Янгиободи ноҳияи Карманаи вилояти Навоӣ Ҳаётҷон Ҷалилов бо мӯзадӯзӣ машғул аст. Ҳаётҷон аз хурдӣ ногиро буда, даставвал дар бозор аробакашӣ мекард. Дертар мӯзадӯзиро омӯхт. Дар маҳалла устохонаи таъмири пойафзорро ташкил кард ва ҳоло устохонаи хурдакак аз корафтодагон пур.*

*Ғайрату шуҷоати Ҳаёт ба зиндагӣ хеле баланд аст. Ӯ дар мактаб-интернати рақами 25-уми ҳудуди худ маҳфили мӯзадӯзиро кушода, ба бачаҳо ин ҳунарро меомӯзонад.*

*Назар ба рақамҳо то ҳолати 1 феврали соли ҷорӣ дар вилояти Навоӣ 43 ҳазору 767 нафар шахсони ногиро буда, 6 ҳазору 883 нафари онҳо бачаҳо мебошанд. Баъди рақамикунонидани ин самт болаёқат будани 11 ҳазору 456 нафар ба рӯйхати шуғл бо фаъолияти меҳнатӣ, 10 ҳазору 527 нафар ба варзиш, 3 ҳазору 494 нафар ба касбу ҳунар маълум гардид ва ба платформаи электронӣ дохил карда шуд. Акнун барои алоҳида кор бурдан бо ҳар яки онҳо барномаҳои суроғавӣ мавҷуд.*

***Дар сурат:** дар вилояти Навоӣ барои алоҳида кор бурдан бо шахсони ногиро барномаҳои суроғавӣ мавҷуд.*

***Суратгир: С. АСЛОНОВ. ЎзА.***



# НЕКӢ КУНУ БА ОБ АНДОЗ

Субҳ дамида буд. Чаҳор нафар дар таксӣ ба шаҳри Нурато равон будем. Тақрибан 13-14 километр роҳро тай кардем. Дар муқобили роҳи мо сабукрави «Каптива» қарор дошт.

– Садама рух додааст, – гуфт ронанда ва суръатро сусттар кард. Ду нафар даст бардошта, ба истодан ишора намуданд. Мошини мо истод. Маълум буд, ки онҳо падару писаранд. Осеб надидаанд, вале писар меларзиду бо овози баланд гиря мекард. Марди тақрибан 45-50-сола хоҳиш кард, ки аз телефони мобилиамон истифода барад. Телефони мобилии онҳо кор намекард. Занг зад, вале ҳарфе гуфта натавонист. Ронандаи мо гӯшакро гирифта, бо хоҳиши ӯ аввал ба «Ёрии таъҷилӣ», сипас ба шуъбаи корҳои дохилӣ занг зад.

Афсӯс, ки дар садама модари ҷавон фавтидаву хоҳарбузургаш сахт осеб дида буд. Модарашро рӯйи роҳи мумфарш гузоштему хоҳарашро аз сабукрав гирифтем. Азбаски роҳ то беморхонаи маркази хоҷагии Нурато дур набуд, мошини «Ёрии таъҷилӣ» зуд расида омад. Зани ҷавонро дар он ҷойгир намудем.

– Хуни зиёд рафтааст, хун зарур, – гуфт духтур.

– Ман медиҳам, – гуфт Маҳбуба (мо бо хоҳиши ӯ номашро дигар кардем) ҷавонзане, ки ҳамроҳи мо буд.

Ҳама якҷо ба беморхона рафтем. Духтурон Маҳбубаро аз муоина гузарониданд. Ӯ хун супорид. Мо роҳи худро давом додем...

Некӣ куну ба об андоз, – гуфтаанд. Ғамхорӣ нисбати саломатӣ ва тақдири дигарон нишонаи волои меҳру оқибат аст. Донор шахси саховатмандест, ки ба бемори вазнин ва ногиро ҳаёти дубора мебахшад.

Тибқи маълумоти Маркази хунсупории вилояти Навоӣ дар ду моҳи аввали соли равон 2253 нафар донор ба беморон ёрии беғараз расонидаанд. Дар натиҷа 1154 литр захираи хун ба вуҷуд оварда шудааст.

Донорон ҳар гоҳ, ки ба Маркази хунсупорӣ омаданд, ҳатман дар бораи саломатии худ маълумот пайдо мекунанд. Миқдори гемоглобини хун, хавфи сар назадани бемориҳои сироятӣ муайян карда мешавад.

Дар ин ҷараён бештар Ҷамъияти саҳҳомии «Navoiyazot» фаъол мебошад. Наздики 20 нафар коргарони он дар беҳшавии саломатии беморони вазнин саҳм гирифтаанд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

***Дар Бухоро байни кормандони мақомоти корҳои дохилии вилоят озмуни ҳудудии «Оилаи намунавӣ» баргузор гардид. Мақсад аз гузаронидани ин тадбир татбиқ намудани ғояи «Оилаи солим – ҷамъияти солим», пос доштан ва рушд додани арзишҳои оилавӣ, ба ҳаёти мустақилона тайёр кардани ҷавонон, боло бардоштани ҷаҳонбинӣ ва маънавияти онҳо, паҳн намудани таҷрибаи оилаҳои ибратбахш мебошад.***

# ОЗМУНИ «ОИЛАИ НАМУНАВӢ» БАЙНИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ

Дар озмун кормандони кулли соҳаҳои садорати корҳои дохилии вилоят бо оилаҳои худ иштирок карданд. Ба суханбаромадагон дар бораи ғамхориҳои давлат оиди дастгирии оила ва шароитҳои фароҳамовардашуда таваққуф намуданд.

Озмун байни ҳафт оила, ки ба марҳилаи вилоятӣ роҳхат гирифтаанд, аз рӯйи се шарт: «Шиносоӣ», «Оилаи ман», «Мо оилаи китобхонем» ба амал омад. Иштироккунандагони озмун дар ҷараёни қувваозмоӣ истеъдод ва маҳорати худро намоиш доданд. Ғолибон бо дипломҳои садорат, туҳфаҳои хотиравӣ ва мукофоти пулӣ тақдир ёфтанд.

Ин қабил озмунҳо бахри пойдорию мустаҳкамии оила ва бархурдоршавӣ аз таҷрибаи пешқадам кумак мерасонад.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# АВВАЛИН «АКВАМИР» ДАР ЧУСТ

***Ҳар кас шуғли дӯстдоштаи худро дорад. Чунончи, бинокор вақт ёфта, рӯзномахонӣ ё шоҳмотбозӣ мекунад. Дигарон низ бе «хоббӣ» нестанд. Ҷавлон Комилов аз соҳибистеъдодон ба ҳисоб мерафт, ки аз овони мактабхонӣ моҳӣ ва моҳичаҳои аквариумро дӯст медошт.***



Ҷавлон баъди хатми коллеҷи «Мустақиллик»-и шаҳри Чуст бо ихтисоси ҳисобчӣ ба Русия рафта, 13 сол меҳнат кард ва боз ба диёри худ — шаҳри Чуст баргашт. Дар дӯкони воситаю ашёи телефони дастӣ ва ҷиҳозҳои аквариуми маркази шаҳр фурӯшанда шуда кор кард. Пас ба шуғли дӯстдоштаи даври бачагиаш бозгашта, дар боғи маданияту истироҳати шаҳри Чуст, дар назди мақбараи пири шарифи хирад Мавлоно Лутфуллоҳ, ки боғ ба номи ӯст, «Аквамир»— «Олами об»-ро кушод. Ин аҷоибхона аз 100 хел зиёд моҳӣ, моҳича, парранда ва ҷонварон дорад. Дар байни онҳо моҳичаҳои қиматбаҳои «Дискос», «Доллар», «Араван»-и шиновари доимии қисми болоии об, «Скат»(суфрамоҳии ҳамеша дар пастии об шинокунанда), тӯтиҳои гароннархи «Карелла», «Амадинка»-и хурдак, «Нераздумка» ва монанди инҳо, санҷоб, мору сангпуштҳо мавҷуданд. Тамошои онҳо ба ҳар бинанда, хусусан, ҳар бачаю кӯдак шавқу завқи беандоза мебахшад. Маърифати онҳоро афзун дода, ҷаҳони биниашонро васеъ мегардонад.

Ташкилкунандаю роҳбари «Аквамир» Ҷавлон Комилов нақл кард, ки ба ҳунари хушкардааш рағбату майлаш зиёд аст, аммо он заҳмат низ дорад. Ба ҷонварони зердаст дар вақташ хӯроку об дода, ҷиҳозҳоро поку ҳар ҳафта оби аквариумҳоро иваз мекардааст.

— Мо нав кор сар карда, дар иҷораем. Шартнома бо маъмурияти боғ имзо шавад, дар ин ҷо худамон ҷойи алоҳида сохта, дар он «Аквамир»-ро, ки дар шаҳрамон ягона аст, боз васею сермухлис карданӣ ҳастем.

Дар Боғи маданият ва истироҳати шаҳри Чуст имконияти дамгирию фароғатбарӣ сол то сол беҳтар мегардад. Масъулон ба мавсими нав омодагӣ дида истодаанд. Бо вуҷуди ин «Аквамир»-и он оммаро ба худ ҷалб менамояд.

**Ш. МИРЗОЕВ,**
*шаҳри Чусти*
*вилояти Намангон.*

Ба пешвози 100-солагии «Овози тоҷик»

# РӮЗНОМА – МАКТАБИ ТАРБИЯИ ЖУРНАЛИСТОНИ КАСБӢ

Соли 1976 ба таътил баромадем. Аз деканати факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон супориш шуд, ки донишҷӯёни бахши журналистикаи ин факулта дар таътили тобистона як моҳро барои таҷрибаомӯзӣ дар нашриёҳо, радиову телевизион мегузаронанд ва ба деканат намунаҳоеро аз маводи нашркардаашон тақдим мекунанд.

Мо чаҳор нафар – Олимҷон Салимзода, Пайванди Гулмуродзода ва Имомалӣ Эргашев озими шаҳри Тошканд шудем. Ҳамон давра идораи рӯзнома дар бинои 16-қабатае буд, ки ҳозир он ҷоро Оҷонсии миллии хабаргузории ЎзА ва бархе аз ташкилотҳои дигар ишғол кардаанд.

Ба назди сармуҳаррир Шавкат Ниёзӣ даромадем ва матлабро баён кардем. Ҳамон давра бо иқдоми шоистаи ӯ барои мо аз хобгоҳи аспирантҳои «Шаҳраки донишҷӯён»-и Тошканд як утоқ ҷудо карданд. Дар давоми як моҳи таҷрибаомӯзӣ бидуни пардохти ҳақи иҷора он ҷо буду бош намудем.

Рӯзи дигар тибқи таомул сармуҳаррир ҳар кадоми моро ба шуъбаҳои гуногун тақсим кард. Ман ба мудири шуъбаи хоҷагии қишлоқ Авнер Исоқбоев муаррифӣ шудам.

– Хуш омадед,– гуфт Исоқбоев маро хуш истиқбол гирифта ва илова намуд: – ин шуъба барои шумо барин ҷавонони навкору таҷрибаомӯз хеле мувофиқу муносиб аст. Шумо бояд бо эҳсоси масъулият ва ҳавсалаи том ба кор муносибат кунед. Он гоҳ мусоидат мекунам, ки малакаву маҳорати хуби журналистӣ ҳосил намоед.

Сонӣ як даста мактубро ба наздам гузошт, ки мухбирони коргару деҳқон аз вилоятҳои гуногун навишта фиристодаанд. Вазифаам маълум шуд: мебоист матлаби ду-се мактубро таҳрир кардаву аз он барои саҳифа хабару мақола тайёр кунам. Ҳамин тавр, ман ба кор шурӯъ кардам. Ифтихорам боло гирифт, ки дар чунин рӯзномаи бонуфузи ҷумҳуриявӣ бо Авнер Исоқбоев ва як идда аҳли қалами шинохтаву маъруф дар як саф мактубҳоро варақ мезанам ва худам низ хабару мақолаҳо менависам.

Дар давраи таҷрибаомӯзии якмоҳаи мо Ҳисомиддин Абдувалиев котиби масъули муваққатии рӯзнома буд. Мӯҳсин Умарзода, Ҷонибек Қувноқов, Муайяна Хоҷаева, Бекназар Тӯйназаров, Маъруф Отахонзода, Хӯҷамурод Қӯлдошев дар шуъбаҳои гуногун машғули кор буданд. Онҳо ҳамеша моро рӯҳбаланд мекарданд ва мегуфтанд, ки дар оянда аз журналистони муваффақ муаррифӣ хоҳем шуд.

Дар ҷараёни таҷрибаомӯзӣ аввалин мақолаи банда дар бораи кору фаъолияти бригадаи шуъбаи «Ленинград»-и совхози Сӯхи ноҳияи Риштон Бегиҷон Ҳакимҷонов интишор ёфт. Ӯ дар соҳаи парвариши картошкаву ҷуворимакка ба сифати яке аз деҳқонони пухтакору соҳибтаҷрибаи соҳаи кишоварзӣ ном бароварда буд. Дар гузориш оид ба он сухан мерафт, ки борону жолаи шадид натавонист азму ҷазми коргарони ин бригадаро шикаст диҳад. 35 нафар дар майдонҳои аз сел сахт зарардида ба таври фаврӣ кишти такрорӣ гузаронида, барои рӯёнидани ҳосили пурбаракот заминаи мусоид фароҳам овардаанд.

Баъд дар саҳифаҳои рӯзнома боз чанд хабару мақолаҳоям аз хусуси меҳнати зарбдори коргарони хоҷагиҳо ва фермаҳои ширию молӣ ба табъ расид. Дар ҷараёни таҳсил ва баъди хатми донишгоҳ низ ҳамкорӣ бо «Ҳақиқати Ўзбекистон»-ро давом додам. Хусусан, вақте ки дар рӯзномаи ноҳиявии «Риштон ҳақиқати» кор мекардам, дар саҳифаҳои «Ҳақиқати Ўзбекистон» мисли «Раисбобо», «Шайдои чашмаи сафед», «Аз Ҳушёр то Берлин», «Ҷасорати ҷанговар», «Ту зиндаӣ, Ҷӯра», «Садоқат ва дугонаҳои ӯ» ва дигар очерку лавҳа ва маҳалаҳоямро интишор намудам.

Зимни тарҷумонӣ дар Афғонистон зери рукни «Дар арзҳои дӯстӣ» доир ба ҳамкориҳои вазоратҳои кишоварзӣ ва хоҷагии оби Ўзбекистону Афғонистон аз вилояти Тахористон ба унвони рӯзнома чанд мақола ирсол намудам. Дар ин вилояти Афғонистон 52 нафар мутахассисони соҳаҳои кишоварзӣ, сохтумонӣ, лоиҳакашӣ ва фаннӣ тибқи қарордод кор мекарданд. Онҳо ғайр аз он ки ду ҳазор гектар замини бекорхобидаро таҳти обёрӣ қарор доданд, инчунин як шаҳраки нави истиқоматӣ сохта, ба мардуми ин кишвари ҳамҷавор супурданд.

Ба ин тартиб, бо истифода аз таҷрибаҳое, ки аз мактаби журналистикаи «Овози тоҷик» ҳосил намудаам, тақрибан сӣ соли фаъолиятро ба ҳайси хабарнигор дар расонаҳои гуногуни хориҷӣ идома додаву медиҳам. Аз соли 2015 мухбири «Овози тоҷик» дар вилоятҳои Фарғона ва Андиҷон пазируфта шудам. Мукофотҳои «Журналисти беҳтарини соли 2021», озмуни «Қалами тиллоӣ-2023»-ро ба даст овардаам ва бо ордени «Дӯстлик» сарфароз гардидаам.




Ҳамдарсонам Олимҷон Салимзода, Пайванди Гулмуродзода ва Имомалӣ Эргашев низ як моҳ дар шуъбаҳои гуногун таҷрибаомӯзии худро идома доданд. Ҳар кадоми онҳо то анҷоми ин давра бо кӯмак ва нишондодҳои ҷонишини сармуҳаррири рӯзнома Мӯҳсин Умарзода, сардорони шуъба ва кормандони дигари он ба интишори чанд хабару мақола ноил гаштанд.

– Ҳамон замон дар чунин рӯзномаи бонуфуз таҷрибаомӯз будан бахти калон буд. Муҳимтар аз ҳама, дар идора моро хуш пазируфтанд ва нисбати мо меҳру муҳаббат нишон доданд. Дар ҳаёт дидаам, ки баъзе рӯзномаҳо таҷрибаомӯзонро рӯи хуш намедиҳанд ва барои сайқал ёфтанашон шароит фароҳам намеоваранд. Аммо тамоми кормандони «Ҳақиқати Ўзбекистон» дар тӯли як моҳ моро аз нигоҳи рӯҳониву касбӣ дастгирӣ намудаву хабару мақолаҳоямонро дар саҳифаҳои он интишор намуданд, – ёдовар мешавад Олимҷон Салимзода.

Қобил ба ёдоварист, ки Пайванди Гулмуродзода баъди итмоми донишгоҳ аз 4 октябри соли 1978 то 1 январи соли 1980 дар Саридораи ахбори Кумитаи телевизион ва радиои Тоҷикистон ба сифати муҳаррир кор кардааст. Дар пайи он, аз соли 1980 то охири умр ба ҳайси аспирант, муаллими калон, дотсент, докторанти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Пайванд дар шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи Ломоносов таҳсил намуда, рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Ташаккули публитсистикаи шӯравии тоҷик (1917-1929)» ҳимоя кардааст. Ӯ дар солҳои охири умр дар факултети журналистикаи ДМТ ва Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Вай муҳаққиқи варзидаи публитсистикаи ибтидои садаи XX тоҷик мебошад. Дар пажӯҳишҳояш масъалаҳои мактабу маориф, фарҳангу адаб, худшиносиву худогоҳии миллӣ ҷойгоҳи хоса доранд. Бо таваҷҷӯҳ ба он ки Гулмуродзода ба таҳқиқи масъалаҳои маорифпарварӣ сари кор дошт, андешаҳояш маорифпарварона буд ва ин ҷиҳат дар навиштаҳояш низ мақоми вижа касб кардааст. Таҳти роҳбарии мавсуф панҷ нафар муҳаққиқони ҷавон рисолаҳои номзадӣ ҳимоя кардаанд.

Пайванди Гулмуродзода зиёда аз 110 мақолаи илмӣ, 220 очерку мақолаи публитсистӣ, чандин дастуру воситаҳои таълимӣ низ таълиф намудааст, ки бархе аз ин мақолаҳо маҳз дар саҳифаҳои «Овози тоҷик» мунташир ёфтаанд.

Ҳамсабақи мо 7 апрели соли 2013 бар асари сактаи дил ба Ҳақ пайвастааст.

Рӯзе Пайванд гуфт, ки хешу таборашон аз деҳаи Ӯхм ба вилояти Сирдарё муҳоҷират кардаанд ва мехоҳад рафта аз ҳолашон хабар гирифта баргардад. Сонӣ афзуд, ки метавонам ӯро дар ин сафар ҳамроҳӣ кунам. Дар рӯзҳои истироҳат Имомалӣ ва Олимҷон гуфтанд, ки азми ба деҳаашон рафтан доранд. Барои ҳамин нахостам дар ин шаҳри азим танҳо монам.

Шомгоҳон ба деҳаи хешони Пайванд расидем. Онҳо дар яке аз хоҷагиҳои ин вилоят зиндагӣ мекарданд. Марди хонавода сардори бригадаи пахтакорӣ будааст ва ӯ низ то вақти хӯроки шом аз саҳро ба хона баргашт. Қисса кӯтоҳ, моро шаб аъзои ин хонавода меҳмон карданд. Пайванд рӯзи дигар боз ба як-ду хонавода даро-баро кард ва аз ҳоли онҳо хабар гирифт. Вақте ки мо азми баргаштан кардем, соҳибхоназан:

– Ҳарчанд маблағи ночиз аст, аммо дар роҳ ягон хӯрок тановул мекунед, – гуфту аввал ба кисаи Пайванд ва баъд ба кисаи ман чанд сӯм андохт ва бароямон роҳи сафед талабид.

Ин ҳолати наҷиби соҳибхоназан маро ҳайрон кард. Чунки дар деҳаи мо касе ба писари донишҷӯшудаи бародар ё хоҳари худ пул намедод. Пайванд ҳайрати маро дида ташреҳ намуд, ки дар байни мардуми кӯҳистони Форишу Нурато чунин анъанаи нек хеле роиҷ мебошад.

Аз ҳамсабақҳои дигари банда подполковники мустафъӣ Имомалӣ Эргашев аз мактаби «Ҳақиқати Ўзбекистон» гузаштааст. Вай баъди чанд муддати кор дар ин рӯзнома ба ҳайси тарҷумон фаъолияташро дар Вазорати дифоъ давом додааст. Баъд дар муассисаҳои таълимии Вазорати корҳои дохилӣ ва Хадамоти амнияти давлатӣ ба ҳайси устод кор карда, сонӣ ба нафақа баромадааст. Имомалӣ Эргашев номзади илмҳои равоншиносӣ, ба нишону ташаккурномаҳои зиёд сарфароз гаштааст.

Мактаби эҷодии «Ҳақиқати Ўзбекистон» дар солҳои ҳафтодуми қарни гузашта барои як идда ҷавононе, ки дар оянда ҳаёту фаъолияти худро ба журналистика ё пажӯҳишҳои илмии ин соҳа бахшидаанд, зинаи омӯзиш, такмили малакаву маҳорат ва мактаби бузурги истеъдод маҳсуб меёфт. Яке аз шогирдони боазму иродаи ин мактаб шодравон Бобоҷон Абдулвоҳидов мебошад. Вай дар баробари он ки аз ин мактаб муваффақона гузаштааст, инчунин ҳамсариояндаи худро низ дар ин шаҳр пайдо карда, баъди арӯсӣ ӯро бо худ ба Душанбе бурдааст. Бобоҷони тоҷик ва ҳамсари ӯзбектабори ӯ дар аввал бо ҳам ба забони русӣ ҳарф мезаданд. Баъд арӯс забони тоҷикиро забони дувуми худ хондааст ва ҳоло бо фарзандону наберагон бо ин забон ҳарф мезанад.

Бобоҷон Абдулвоҳидов солҳои дароз дар вазифаи сардабири нашрияи Шӯрои Олии Тоҷикистон ва баъдан нашрияи Маҷлиси Олии Тоҷикистон – «Садои мардум» ба ҳайси сардабир фаъолият кардааст ва шогирдони зиёдеро тарбия намудааст.

Бобоҷон соли 2008 дар синни 55-солагӣ бо ин дунё падруд гуфтааст.

Хушбахтона, рӯзномаи «Овози тоҷик» имрӯз низ ҳамон рисолати худро бо сарбаландӣ анҷом медиҳад ва дар тайёр кардани журналистони касбӣ нақши муассир мебозад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»,**
**узви иттиҳодияҳои журналистони Ўзбекистон ва Тоҷикистон.**

# УСТОД АЙНӢ ДАР ЁДИ НАВИСАНДАГОНИ ҶАҲОН



«Ёддоштҳо» аз ҷиҳати равшании баён ва образҳои аҷибаш ба қиссаю афсонаҳои Шарқ монанд аст, ки ҳар як ҷумлааш таъсирбахш буда, дар лавҳи хотири кас нақш мебандад.

**Андре ЖИД, нависандаи фаронсавӣ, барандаи Ҷоизаи адабии Нобел.**

***

Садриддин Айнӣ дар таърихи халқи тоҷик мақоми барҷаста дорад. Ӯ падари миллат, илҳомбахш ва муаллими он аст.

**Иржи БЕЧКА, шарқшиноси чех.**

***

Яке аз ширин китобҳое, ки дар ин авохир хондам ва баъзе аз қисматҳои онро борҳо ва борҳо хондам, хотироти Садриддин Айнӣ аст. Қуввати нависандагии муаллиф ва ҳунари тавсифи ӯ дар навъи худ камназир аст.

**Муҳаммадризо Шафеии КАДКАНӢ, пажӯҳанда ва шоири эронӣ.**

***

Барои ман Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи он симоҳои наҷиби адабиёт мебошад, ки як мактаби бузурги реализми Шарқ ба номи ӯ вобаста аст.

**Маҳдӣ ҲУСАЙН, адиби озар.**

***

Имрӯз ман дар назди хонандагон муҳаббату садоқати худро нисбат ба Мухтор Авезов ва Садриддин Айнӣ эътироф мекунам. Онҳо нависандагони бенази-ранд.

**Чингиз АЙТМАТОВ, нависандаи қирғиз.**

***

Айнӣ на танҳо падар ва устоди адабиёти тоҷикҳо, балки падар ва устоди адабиёти шӯравии тамоми Осиёи Марказӣ аст.

**Бердӣ КАРБОБОЕВ, нависандаи туркман.**

***

Айнӣ барои ман, ки шахсан мешинохтамаш, ҳамеша аз симоҳои барҷастаи замони мо буд ва мемонад.

**Алфред КУРЕЛЛА, нависандаи олмонӣ.**

***

Ҳар касе, ки асарҳои шоёни таҳсини классики адабиёти тоҷик Садриддин Айниро хондааст, ба чуз дӯсти халқ ӯро дигар хел номида наметавонад.

**Собит МУҚОНОВ, нависандаи қазоқ.**

***

Айнӣ натанҳо нависандаи шумо, балки нависандаи мо ҳам мебошад. Китобҳои вай на танҳо намунаи санъати зебо, балки дастурамали ҳаррӯзаи таълимӣ мебошанд.

**Юлиус ФУЧИК, адиб ва рӯзноманигори чех.**

***

Монанди ҳама хонандагони шӯравӣ ман ҳам китобҳои ӯро, ки аз фикрҳои баланд пур ва аз оташи дили ҷӯшон гарм мебошанд, гаштаю баргашта мехонам.

**Самуэл МАРШАК, шоири рус.**

***

«Дохунда» ва «Ғуломон» барин романҳои ӯ на танҳо асарҳои бадеианд, балки ҳар кадоме аҳамияти бузурги таърихӣ доранд. Барои бо Осиёи Миёна шинос шудан, китобҳои бисёре мавҷуданд, лекин бешак асарҳои Садриддин Айнӣ дар ин росто хидмати калонеро ба ҷо меоранд.

**Раҳул САНКРИТЯН, олим, адиб ва тарҷумони ҳинд.**

***

Банда бар онам, ки дар забон бояд аз роҳу равиши устод Айнӣ берун нашавем, ки роҳу равиши бузургони мост. Ин роҳ роҳи пайвандиҳӣ ба асли худ, ба ҳастии таърихии хеш аст. Ин пайванд набояд лахзае қатъ гардад. Ҳар чо фосилае миёни Айнӣ ва мо пайдо шудааст, моро аз ҳастии миллии худ дур медорад, монеъи ягонагии миллӣ ва худогоҳии таърихии мо хоҳад омад. Ин фосиларо аз миён бояд бардошт. Он гоҳ устод Айнӣ моро бо ҳама гузаштаи мо, бо ҳама бузургони забону адабу фарҳанги бостонии мо пайванд хоҳад дод. Айнӣ пуле миёни мо ва ҳама гузаштаҳост. Роҳи ояндаи мо бо ҳамин пул пайвастааст.

**Муҳаммадҷон Шакурии БУХОРОӢ, академик.**

***

Айнӣ танҳо моли тоҷикҳо нест, ӯ мутааллиқ ба башарият аст.

**Алберт КУЧУЛУ, адиб ва рӯзноманигори эронӣ.**

***

Бахтиёрам, ки бо чунин устоди забардаст ҳамаср, ҳампеша ва дӯсти наздик мебошам.

**Ғафур ҒУЛОМ, нависандаи ӯзбек.**

**Таҳия ва ҷамъоварии А. КОМРОН.**

*Ғолибони олимпиада*

# ТУРФА ШОГИРДЕ, КИ ДАР ҲАЙРАТ КУНАД УСТОДРО

Хушхабари аз фанни забон ва адабиёти тоҷик ғолиби зинаи ҷумҳуриявии олимпиадаи асосии фаннӣ шудани хонандаи мактаби рақами 39-уми ноҳияи Самарқанд Меҳрубон Мардонова баркҳор паҳн гардид. Ва мо бо супориши рӯзнома ба таълимгоҳи мазкур рафтем, то устоду шогирдро бо комёбии назаррас шодбош гӯем ва суҳбате биороем.

Ин чӣ бахти бузург аст, ки ба туфайли талабаи адабиётдӯст мактабамон натанҳо дар вилоят, дар кишвари азизамон маълуму машҳур шуд, – гуфт бо ҳисси шодмонӣ сарвари таълимгоҳ Дилдора Ҳабибова. – Чанде пеш ҳокими ноҳия Сироҷиддин Усмонов бо роҳбаладии мудири шуъбаи таълими халқ Баҳриддин Мардонов барои муборакбодӣ омаданд ва ба устоду шогирд туҳфаҳои хотиравӣ супурданд. Муҳаррири бахши тоҷикии Ширкати симо ва садои вилоят Собирҷон Бурҳонов барои барномаи «Чашми дил» баъзе лаҳзаҳоро ба навор гирифта рафт. Ана ҳоло шумоён ҳамчун намояндагони рӯзномаи «Овози тоҷик» дар мактаби мо ҳастед.

Медонам, мехоҳед дар бораи Меҳрубон ва устоди ӯ Ирода Давронова ба муштариён ҳикоя кунед. Бояд гӯям, ки Ирода Давронова муаллимаи навовар ва қобилшикан аст. Вай ҷараёни фикррони хонандагон ва тарзи баёни онҳоро назорат намуда, дар мавриди зарурат барои пайдарпай, мантиқӣ, дар доираи мавзӯъ ва мутобиқи меъёрҳои забонӣ ифода кардани фикру андеша ба талабагон мусоидат мекунад. Ана барои чӣ шогирдонаш дар озмунҳои гуногун ҷойҳои фахрӣ мегиранд. Аҷибаш он аст, ки дар вақти бекор ба маънои том «иҷоранишин»-и китобхонаи мактаб мегардад. Агар хато накунам, ҳозир ҳам бо шогирдонаш дар хамон ҷо бояд бошад.

Мо бо роҳбаладии Дилдора Ҳабибова ба китобхона омада, устоду шогирдро саргарми интихоби асаpҳои нав дидем.



– Талаба бояд ҳамвора ташнаи дониш, мутолиа, дар пайи андӯхтани илм бошад, – пас аз шинос ва аз мақсадамон огоҳ шудан изҳор дошт Ирода Давронова. – Камолоти ҳар як шахс ба илму амал вобаста аст. Ман ин суханҳоро аз таҷрибаи худ мегӯям. Барои беҳтар намудани сатҳу сифати ҷараёни таълиму тарбия роҳу равишҳои наву муносибро ёфта, дар арсаи шинохт ва истифодаи қобилиятҳои зеҳнии хонандагон мо, омӯзгорон корҳои шоистае анҷом медиҳем, ки ба пешрафтҳои назаррас соҳиб мешавем. Пӯшида нест, ки яке аз роҳҳои шинохта ва маъмули инкишофи қобилияти фикрронӣ ва нутқи мураттаби хонандагон таваҷҷӯҳи онҳо ба кори эҷодӣ мебошад. Воқеан, шогирди ман Меҳрубон Мардонова аз синфи ибтидоӣ тарзи иншо навиштанро омӯхтааст, ки дар олимпиадаи ҷумҳурӣ кор дод.

– Муаллима дуруст мегӯянд, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд Меҳрубон. – Аввал ман аз рӯи расм, сонӣ дар мавзӯи озод ва аз рӯи мавзӯи муайян иншо навиштанро омӯхтам.

– Ва таи се сол ғолиби озмуни вилоятӣ шудӣ, – муаллима шогирдашро хурсанд ба оғӯш кашид.

– Иншо муҳимтарин намунаи фаъолияти эҷодии хонандагон буда, дар тамоми марҳилаҳои таълим барои инкишофи қобилияти тафаккури эҷодӣ ва маҳорати сухангӯии хонандагон нақши созанда дорад, – суханашро идома дод Давронова. – Ёдорам, он айём Меҳрубон дар синфи нӯҳум таҳсил мегирифт. Ман барои иншо мавзӯъ додам. Рости гап, навиштаи Меҳрубон ба ман писанд афтод. Ҳамон рӯз дар мактаб маҷлиси падару модарон баргузор шуда буд, ки модар ва модаркалони Меҳрубон барои дигар набераҳои мактабхон омаданд. Ман аз модари ӯ илтимос кардам, ки барои иҷрои вазифаи хонагӣ ба шогирдам шароит фароҳам оварад. Ва чунин шудааст, ки ӯ дар муддати кӯтоҳ ба комёбиҳои назаррас соҳиб шуд.

Дар озмуни ҷумҳурӣ, ки дар мактаби рақами 26-уми шаҳри Тирмиз баргузор гардид, аз ҳама даъвогарон бештар хол гирифт ва пирӯз гашт. Хурсандиовар аст, ки озмун шаффоф, ошкоро, боадолат гузашт, ки барои ин ба ташкилкунандагон миннатдорӣ изҳор мекунем.

– Меҳрубон, нақшаҳои ояндаи шумо аз чӣ иборат аст? – пурсидем аз ғолиби олимпиада.

– Имсол номаи камолро гирифта, ҳуҷҷатҳоямро ба факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд месупорам, – гуфт вай. – Ниятам чун устодам Ирода Шаҳриёровна омӯзгор шудан аст.

– Дар вақти холӣ бо чӣ корҳо машғул мегардед?

– Мутолиаи китобро дӯст медорам. Аз синфҳои ибтидоӣ асарҳои устод Садриддин Айнӣ, Пӯлод Толис, Сотим Улуғзода, Болта Ортиқов, тарҷумаҳои Чехов, Тургенев, Марк Твен, Андерсен ва дигаронро мехонам.

Мо ба Меҳрубон комёбиҳои нав ба нав таманно намуда, боварӣ ҳосил кардем, ки ӯ бо эҷодиёти хеш ба адабиёти тоҷик саҳми арзанда мегузорад. Бале, турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро!

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

**Дар акс: Меҳрубон Мардонова бо устодаш Ирода Давронова. Аксбардор: Баҳодури ЗОҲИР.**

*Дар ин рӯзҳо дар Ӯзбекистони Нав, хусусан Самарқанд мавлуди асосгузори адабиёти муосири тоҷику ӯзбек, нависандаи маъруф, Қаҳрамони Тоҷикистон, соҳиби ордени «Буюк хизматлари учун» ва ҷоизаҳои байналхалқӣ Устод Садриддин Айнӣ тантанавор ҷашн гирифта мешавад.*

# ГИРОМИДОШТИ УСТОД АЙНӢ

15-уми апрел дар хона-музейи ӯ бо ҳамин муносибат анҷумани бошукӯҳи фарҳангӣ ба вуқӯъ пайваст, ки дар он аҳли эҷод, нависандагон, шоирон, журналистон, омӯзгорон, талабагони Донишгоҳи давлатии Самарқанд ва дигарон ширкат варзиданд.

Директори осорхона Амриддин Пӯлодӣ хозиронро хайрамақдам гуфта, доир ба эҷёи хона-музейи Устод Айнӣ баъзе маълумотҳоро овард.

– Мо медонем, ки дар ин маскан Садриддин Айнӣ аз соли 1917 манзили зист гирифта, қариб то охири умр бо эҷодиёт машғул шуданд, – гуфт нотиқ, – махз дар ҳамин ҷо асарҳои «Мактаби кӯҳна», «Ятим», «Одина», «Марги судхӯр», «Дохунда», «Ғуломон», «Чаллодони Бухоро», «Ёддоштҳо» ва ғайра навишта шудаанд.

Боиси ифтихор аст, ки қабул гардидани қарори ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи ташкил кардани хона-музейи Устод Айнӣ барои аҳли илму фарҳанг вазифаи марказро адо карда, ҳатто қабулхонаи ҷамоатии рӯзномаи «Овози тоҷик» буд.

Ба муносибати таҷлили зодрӯзи асосгузори адабиёти муосири тоҷику ӯзбек Устод Садриддин Айнӣ бо саъю ташаббуси сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев, аз тарафи ҳукумати Ӯзбекистон бахри таъмиру тармими беш аз як миллиард сӯм ирсол шудааст, ки мо сипосгузорӣ мекунем.

Инчунин, дар тадбир адиб Адаш Истад, роҳбари академияи «Турон» Фарҳод Ахмадҷонов, шоири зуллисонайн Нормурод Каримзода ва дигарон бо сухан баромада, доир ба хидмати шоёни соҳибҷашн ҳарф заданд.

Донишҷӯёни Донишгоҳи Самарқанд аз шеъру ғазалҳои Устод Айнӣ қироат карда, аз асарҳояш саҳнаҳо гузоштанд.

Сипас, иштирокчиёни анҷумани бошукӯҳи фарҳангӣ бо экспозитсияҳои нав шинос шуданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# *Мегӯянд, ки...*

Инсон бо вуҷуди он ки ба муҳаббат арҷ мегузорад, аз нафрат раҳоӣ наёфтааст. Дари муҳаббат ҳарчанд гоҳо нимроҳ мешавад, вале боз ба аслаш бармегардад. Аммо дари нафрат мисли ҳамеша боз аст.

***

Роҳи осони донистани дӯст ё душман танқид аст. Зеро одам муносибат, мақсад, бахусус, андешаҳояшро дар танқид зуд ошкор месозад.

***

Зан, ки пулдор шуд, агар ба кӯча набарояд ва ба дӯкони заргарӣ надарояд, аз худаш шарм медорад.

***

«Ҷанги вазнинтару фаромӯшнашаванда гирудор бо завҷаам Олимпия буд», иқрор шудааст Филипи Мақдунӣ (солҳои 382-336 пеш аз милод). Бубинед, ки ҳатто подшоҳони оламгир дар назди «талош»-и зан ба танг меомадааст.

***

Роҳ гум кардани инсон ислоҳпазир аст, яъне ӯро ба роҳи дуруст андохтан мумкин. Вой ба рӯзе, ки инсонияt роҳгум занад. Бехуда нест, ки донишмандон мудом дар ғами бани башаранд.

***

Зебоӣ на ҳар касро начот медиҳад. Касеро начот медиҳад, ки ба қадраш расад. Зебоӣ дар назди қадршинос қимати хасро надорад.

Таҳияи **Далер АЗИЗОВ.**

*Дар ҷевони китоб*

# АРМУҒОН БА МАВЛУДИ УСТОД АЙНӢ

Дар арафаи зодрӯзи қофиласолори адабиёти муосири тоҷику ӯзбек Устод Садриддин Айнӣ аз пойтахти Тоҷикистон хушхабар расид. Дар Душанбе китоби адабиётшинос Аминабону Шарофиддинова бо номи «Сеҳри калони Устод» чоп шуд, ки маҷмӯъаи мақолаҳои пажӯҳишии муаллиф дар давоми 30 соли охир аст.

Муаллимаи пуркору заҳматкаш аз солҳои 90-уми асри гузашта бо таҳлилу омӯзиши забони асарҳои Устод Айнӣ машғул аст. Вай бо тавсияи академик Муҳаммадҷон Шакурӣ дар мавзӯи «Хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва услуби воҳидҳои фразеологии романи «Ғуломон»-и Айнӣ» кори илмӣ бурда, рӯзҳои зиёде дар назди рисолаи илмии доктори фалсафа оид ба илмҳои филологияро дифоъ хоҳад кард.

*Дар арафаи Иди рамазон сокинони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Янгиқишлоқ»-и ноҳияи Шофиркон соҳиби боғчаи замонавӣ гардиданд.*

# КӮДАКИСТОНИ ЗАМОНАВӢ ДАР ВАРДОНЗЕ

Сохтмони ин муассисаи таълими томактабӣ, ки дуошёна асту «Бунафша – 2020» ном гирифтааст, соли гузашта аз ҷониби Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Бунёдкор нурли келажак» оғоз гардида, ҷараёни бунёдкориҳо ба қарибӣ анҷом ёфт.

Барои иншооти мазкур, ки дар асоси шарикии давлатию хусусӣ қад афрохт, 2 миллиарду 200 миллион сӯм маблағ харҷ гардид. Кӯдакистон дорои як қатор қулаиҳо буда, 200 нафар бачагонро ба бар гирифта метавонад.

Ҳоло беш аз 70 нафар кӯдакон – тарбиятгирандагон ба қайд гирифта шуда, даҳ нафар тарбиядиҳандагон дар чор гурӯҳ бо онҳо машғулият мегузаронанд.

# ФЕСТИВАЛИ КАШИДАДӮЗӢ

Бо мақсади рушд додани сайёҳӣ ва тарғиби ҳунармандӣ дар зиёратгоҳи «Хоҷа Орифи Моҳитобон»-и ноҳияи Шофиркон, бо ташаббуси ҳокимияти ноҳия ва ҳамкории Сарсадорати сайёҳӣ ва мероси маданӣ, шуъбаи ноҳиявии Иттиҳодӣ «Ҳунарманд», бахши ноҳиявии Маркази маънавият ва маърифат, шуъбаи маданияти ноҳия фестивали кашидадӯзӣ ба амал омад.

Дар он беш аз 30 нафар ҳунармандони кашидадӯз бо маҳсули дастони худ иштирок карданд.

Дар ҷорабинӣ кашидадӯзон ва ҳунармандони кандакории чӯб ҳунар ва маҳорати худро намоиш дода, дӯстдорони ҳунарро сӯи худ ҷалб карданд.

Намоиши маҳсулоти ҳунармандӣ ва ба роҳ монда шудани савдои онҳо ба иштирокчиён тадбир ва харидорон хеле писанд омад.

Барномаи консертии шуъбаи фарҳанги ноҳия ба онҳо ғизои маънавӣ бахшид.

**А. АВЕЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**



# САМАРҚАНД БА ҚУРЪАПАРТОИИ МУСОБИҚАИ ҶОМИ ҶАҲОН МИЗБОНӢ МЕКУНАД

*Соли равон кишварамон ба турнири бонуфузи Ҷоми ҷаҳон оид ба футзал мизбонӣ мекунад.*

Дар майдони Регистон гузаронидани маросими қуръапартоии он ба нақша гирифта шудааст. Ин маросим 26-уми май гузаронида мешавад ва зиёда аз 200 кишвари ҷаҳон метавонанд онро тамошо кунанд.

Ҳайате бо сарварии ёвари Президенти ФИФА оид ба футзал Ҳаиме Ярза ба Самарқанд омад.

Дар майдони Регистон бо вакилони ФИФА масъалаҳои дар савияи баланд ташкил намудани маросими қуръапартоӣ ва гузаронидани он муҳокима гардид. Дар асоси тавсияи ФИФА аъзои Кумитаи ташкилӣ тасдиқ гардида, ба масъулон супоришҳо доданд.

Барои маълумот бояд гуфт, ки воҳуриҳои Ҷоми ҷаҳон-2024 оид ба футзал аз 4-уми сентябр то 6-уми октябр идома меёбанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**


Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Ҷонишини сармуҳаррир Тоҷибой ИКРОМОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компютерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервали ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170. Фармоиши 2 Г-428.
Адади нашр 4233. Ҳаҷм 2 чузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
ISSN 2010-7757
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 23.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337; Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoji@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.